آواز تاجیک

*Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад*

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

# Овози тоҷик

*Бани одам аъзои якдигаранд!*

18 майи соли 2024
Шанбе
№ 39 (15050)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# МУНОСИБАТҲОИ ЎЗБЕКИСТОНУ МАЛАЙЗИЯ БА ДАРАҶАИ СИФАТАН НАВ БАРДОШТА МЕШАВАНД

**Бинобар даъвати Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев Сарвазири Малайзия Анвар Иброҳим 17 май ба мамлакатамон бо сафари расмӣ омад.**



Дар аэропорти пойтахт ба ифтихори меҳмони олимартаба байрақҳои ҳар ду мамлакат афрохта шуда, қаровули фахрӣ саф ороcт.

Роҳбари ҳукумати Малайзияро Сарвазири Ҷумҳурии Ўзбекистон ва дигар шахсони расмӣ пешвоз гирифтанд.

Фосилаи бисёркилометра мамлакатҳоеро, ки орзую умеди умумӣ ва лоиҳаҳои бузург доранд, аз ҳам ҷудо карда наметавонад. Аз ҳама муҳимаш нияти нек ва хоҳиши қатъии ҳамкорӣ вуҷуд дошта бошад.

Парвоз аз Тошканд ба Куала-Лумпур қариб ним рўз давом мекунад. Ин маълумот кофист, ки фосилаи байни Ўзбекистон ва Малайзия тасаввур карда шавад. Мамлакатҳо агарчи аз ҳамдигар дур ҷойгиранд, онҳоро дини умумӣ ва арзишҳои шабеҳ муттаҳид месозад.

Сарвазири Малайзия Анвар Иброҳим ва аъзои ҳайат аз боғи «Янги Ўзбекистон» боздид намуданд ва дар он ҷо ба пойгоҳи муҷассамаи Истиқлолият гул гузоштанд, бо таърихи рушди истиқлолияти мамлакатамон ва бунёд гардидани ин маҷмўи нодир шинос гардиданд.

Дар қароргоҳи «Кўксарой» маросими истиқболи тантанавии Сарвазири Малайзия Анвар Иброҳим, ки ба кишвари мо бо даъвати Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев бо боздиди расмӣ омадааст, ба амал омад.

Дар майдони назди қароргоҳ қаровули фахрӣ саф ороcт.

Сарвари давлатамон меҳмони олиқадрро самимона хайрамақдам гуфта, ба шоҳсуфа даъват кард.

Гурўҳи ҳарбӣ гимнҳои ҳар ду давлатро иҷро кард.

Роҳбарон аз пеши сафи қаровули фахрӣ гузашта, аъзои ҳайатҳои вакилони расмиро хайрамақдам гуфтанд.

Пас аз аксгирии якҷоя гуфтушунидҳо дар сатҳи олӣ оғоз шуданд.

Сипас Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Сарвазири Малайзия Анвар Иброҳим бо иштироки ҳайатҳои расмии ду мамлакат мулоқот намуданд.

Дар аввали вохўрӣ роҳбари ҳукумати Малайзия ба пешвои давлатамон саломи гарм ва таманноҳои беҳтарини Шоҳи Малайзия Султон Иброҳимро расонд ва барои пазироии гарм ва самимии ҳайати Малайзия миннатдории самимӣ изҳор намуд.

Зимни мулоқотҳо масъалаҳои минбаъд вусъат додани муносибати дўстона ва бисёрҷанбаи шарикии байни Ўзбекистону Малайзия баррасӣ гардиданд.

Президенти Ўзбекистон таъкид кард, ки ташрифи мазкур дар дараҷаи олӣ, ки дар 16 соли охир нахустин мебошад, дар таърихи муносибати дуҷониба марҳалаи навро боз менамояд.

– Малайзия давлате мебошад, ки муттасил ривоҷ меёбад ва на танҳо дар минтақаи Осиёи Ҷанубӣ-Шарқӣ, балки дар тамоми ҷаҳон зарфияти калонро молик аст. Мақсади асосии мо ба дараҷаи сифатан нав баровардани ҳамкории амалӣ бо мамлакати шумо мебошад,– таъкид кард Президенти Ўзбекистон.

Аҳамияти минбаъд мустаҳкам намудани гуфтугўи сиёсӣ ва робитаҳои байнипарлумонӣ, идома додани дастгирии тарафайн дар доираҳои ташкилотҳои байналхалқӣ, татбиқи барномаҳои гуманитарӣ ва таълимӣ, фаъолсозии табодули сайёҳон ва маданӣ таъкид шуд.

Ба масъалаҳои ҳамкории амалӣ дар соҳаҳои тиҷоративу иқтисодӣ ва сармоягузорӣ эътибори алоҳида нигаронда шуд.

Дар ниҳояти соли гузашта ҳаҷми табодули мол ба беш аз 2 баробар афзуд, миқдори корхонаҳои муштарак зиёд шуда, суръати парвози байни Тошканд ва Куала-Лумпур меафзояд.

Аҳамияти таъмини рушди минбаъдаи ҳаҷм ва даст ёфтан ба нишондодҳои мутаносиби тиҷорати тарафайн, татбиқи лоиҳаҳои бузурги муштарак таъкид шуд.

Изҳори боварӣ карда шуд, ки натиҷаи бизнес-форуми Ўзбекистону Малайзия дар доираи барномаи кории ташриф ба вусъат ёфтани шарикии сармоягузорӣ, ҳамкории ширкатҳои пешсаф дар соҳаҳои инноватсия, саноат, энергетикаи сабз, нафту кимё, электротехника ва электроника, дорусозӣ ва самтҳои дигар хидмат хоҳанд кард.

Бо мақсади дастгирии ин кўшишҳо омодагии таъсис додани Минтақаи саноатии Ўзбекистону Малайзия дар мамлакатамон изҳор гардид.

Масъалаҳои ҳамкорӣ дар хоҷагии қишлоқ, аз он ҷумла оид ба татбиқи технологияи сарфакунандаи об, парвариш ва азнавкоркарди маҳсулоти меваву сабзавот, сертификатсия бинобар стандарти «Ҳалол» баррасӣ гардиданд.

Масъалаҳои вусъат додани ҳамкорӣ дар соҳаи технологияи иттилоотӣ, коҳиши қашшоқӣ ва вобастагии нақлиётӣ муҳокима гардиданд.

Бо мақсади бонизом вусъат додани ҳамкории тиҷоративу иқтисодӣ ногузирии таҷдиди Кумитаи муштараки дарамали тиҷоратии Ўзбекистону Малайзия ба Комиссияи байниҳукуматӣ бо баргузор намудани ҷамъомади якуми он дар соли ҷорӣ қайд гардид.

Қарори қатъии минбаъд фаъол намудани табодули маданиву гуманитарӣ собит гардид.

Аҳамияти пурзўр намудани ҳамкорӣ оид ба тарбия ва такмили малакаи кадрҳо дар соҳаҳои энергетика, молияи исломӣ, экология, зеҳни сунъӣ, сайёҳӣ ва ҳамчунин мустаҳкам намудани алоқаҳои илмиву амалӣ дар соҳаи тандурустӣ таъкид шуд.

Бо қаноатмандии том рушди босуръати вуруди сайёҳони Малайзия ба Ўзбекистон зикр гардид. Чорабиниҳо оид ба татбиқи барномаҳои муштараки сайёҳии зиёратӣ, аз он ҷумла пеш бурдани лоиҳаи «Умра ҷамъ», оид ба мустаҳкам намудани гуфтугўи байни ҷавонони ду мамлакат муҳокима гардиданд. Пешвоён инчунин оид ба масъалаҳои муҳими ҳамкории минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ-Шарқӣ, масъалаи Афғонистон табодули афкор намуданд. Дараҷаи баланди ҳусни тафоҳум ва аҳамияти идома додани дастгирии ҳамдигар дар доираҳои СММ, Ташкилоти ҳамкории исломӣ ва Ҷунбиши бетарафӣ таъкид гардиданд.

Пешниҳод шуд, ки ғоя дар бораи ба вуҷуд овардани майдони гуфтугўи вазирони корҳои хориҷа дар андозаи «Осиёи Марказӣ ҷамъи АСЕАН» баррасӣ гардад.

Дар поёни гуфтугўҳо, ки дар фазои эътимод, шаффоф ва дўстона баргузор шуд, Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон ва Сарвазири Малайзия Изҳороти муштаракро дар бораи амиқсозии ҳамкории бисёрҷанба имзо намуданд.

Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Сарвазири Малайзия Анвар Иброҳим пас аз гуфтугў барои вакилони воситаҳои ахбори оммавӣ изҳорот доданд.

Пешвоён натиҷаҳои босамари мулоқотро, ки дар фазои кушод, боэътимод ва дўстона баргузор гардид, олӣ арзёбӣ намуданд.

Роҳбари давлатамон риштаҳои зичи анъанавии байни ду халқро, ки ба муштаракоти динӣ, шабоҳати таомул ва арзишҳо асос меёбанд, махсус таъкид намуд.

– Малайзия давлате мебошад, ки на танҳо дар фазои Осиёи Ҷанубӣ-Шарқӣ, балки дар тамоми ҷаҳон суръати рушди муттасил зоҳир менамояд, шарики боэътимод ва озмудашуда мебошад, – таъкид кард Президенти Ўзбекистон.

Қаробати мақсад ва вазифаҳои татбиқгардандаи барномаҳои стратегии рушд ва такомули «Ўзбекистон – 2030» ва «Малайзия Маданӣ» таъкид шуд.

Зикр гардид, ки ин ташрифи таърихии Сарвазири Малайзия дар таърихи муносибати дуҷониба саҳифаи нав боз менамояд ва барои инкишофи онҳо таҳрики қавӣ мебахшад.

Зимни мулоқот самтҳои бартаринок ва марраҳои нав оид ба минбаъд вусъат додани ҳамкории муфиди тарафайн муайян карда шуданд.

Муоҳидаҳо дар бораи фаъолсозии гуфтугўи сиёсӣ ва алоқаҳо дар дараҷаҳои олӣ ва баланд, роҳандозии Комиссияи муштараки байниҳукуматӣ ба даст омаданд.

Кўшиши ҷонибҳо ҷиҳати дарояндаи наздик ба дараҷаи шарикии ҳамаҷониба расондани муносибати тарафайн изҳор гардид.

Эътибори махсуси пешвоён ба масъалаҳои пурзўр намудани табодули амвол ва миқдори корхонаҳои муштарак нигаронда шуд. Ҷонибҳо қарор намуданд, ки кори низомнокро оиди ба маротиб афзудани ин нишондодҳо роҳандозӣ намуда, ба он дарояндаи наздик муваффақ гарданд.

Роҳбари давлатамон таъкид намуд, ки барои ба ин мақсад даст ёфтан вусъат додани номенклатура ва таъмини таносуби савдои тарафайн, баромади муштарак ба бозорҳои мамлакатҳои сеюм, ба вуҷуд овардани минтақаи махсуси саноатӣ барои пеш бурдани лоиҳаҳои баландтехнологӣ мусоидат хоҳанд намуд.

Нақшаҳои мушаххас оид ба ҳамкорӣ дар соҳаҳои энергетика, нафту кимё, истихроҷ, саноати электротехника, хоҷагии қишлоқ, хўроквroutӣ, дорусозӣ, молия, IT ва дигар соҳаҳо муайян карда шуданд.

Изҳори бовар карда шуд, ки ҷузви шартномаҳои калони сармоягузорӣ, ки бинобар натиҷаи бизнес-форум дар шаҳри Самарқанд бо иштироки ширкатҳои пешқадами ду мамлакат имзо мегардад, шарикиро бо мазмуни нав ғанӣ мегардонад.

Пайравии идома додани гуфтугўи наздик ва дастгирии ҳамдигар дар доираҳои ташкилотҳои минтақавӣ ва байналхалқӣ собит гардид.

Чорабиниҳое андешида мешаванд, ки ба вусъат додани табодули маданиву гуманитарӣ, ки шомили баргузор намудани ҳафтаҳои маданият, анҷумани ҷавонон, таълим ва варзиш, намоишгоҳҳои мухталиф мебошанд, нигаронда шудаанд.

Таъкид шуд, ки натиҷаҳои анҷумани баргузоршуда ба мустаҳкам гардидани муносибати Ўзбекистону Малайзия, бо мазмуни нави амалӣ пурра намудани шарикии бисёрҷанба хидмат хоҳанд кард.

Бинобар ҷамъбасти мулоқотҳо қабул намудани «нақшаи роҳ» оид ба татбиқи саривақтӣ ва сифатноки тамоми шартномаҳои қабулгардида ҳамоҳанг карда шуд.

Дар поёни анҷумани Ўзбекистону Малайзия маросими ниҳолшинонӣ дар қароргоҳи «Кўксарой» ба вуқўъ пайваст.

Президент Шавкат Мирзиёев ва Сарвазир Анвар Иброҳим дар Хиёбони меҳмонони фахрӣ ниҳоли коҷ шинонданд.

Маросим рамзи дўстии рўзафзуни халқҳоямон, азми қатъии пешвоёни ду мамлакат барои ба дараҷаи сифатан нав бардоштани муносибати бисёрҷанбаи Ўзбекистону Малайзия гардид.

Ташрифи расмии Сарвазири Малайзия Анвар Иброҳим ба мамлакатамон идома дорад.

**Зиёдулло ҶОНИБЕКОВ,**
**Икром АВВАЛБОЕВ,**
**хабарнигорони ЎзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

# ПРЕЗИДЕНТИ ЎЗБЕКИСТОН ПРЕЗИДЕНТИ ҚАЗОҚИСТОНРО БО РЎЗИ ТАВАЛЛУДАШ ТАБРИК КАРД

***17 май Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев бо Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Ҷомарт Тоқаев мулоқоти телефонӣ анҷом дод.***

Сарвари давлатамон Президенти Қазоқистонро бо зодрўзаш самимона табрик гуфта, ба ў саломатии бардавом, беҳбудӣ ва муваффақият, ба халқи бародари қазоқ сулҳу шукуфоӣ таманно намуд. Саҳми бузурги шахсии Қосим-Ҷомарт Тоқаев дар таҳкими муносибатҳои дўстӣ ва некҳамсоягии Ўзбекистон ва Қазоқистон, ба сатҳи иттифоқӣ расондани онҳо махсусан қайд гардид.

Сарони ду давлат масъалаҳои кунунии тавсеаи минбаъдаи ҳамкориҳои бисёрҷанбаи Ўзбекистону Қазоқистонро баррасӣ карданд. Рафти иҷрои қарордодҳои ҷаласаи корӣ дар шаҳри Хива ва ҷадвали баргузории чорабиниҳои дарпешистодаи сатҳи олӣ баррасӣ шуд.

Ба ташаккули портфели нави лоиҳаҳои ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ, мусоидат ба ҳамкорӣ дар соҳаҳои саноат, нақлиёт ва логистика, энергетика, кишоварзӣ бо ҷалби соҳибкорон ва минтақаҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шуд. Аҳамияти идомаи табодули фаъоли фарҳангӣ ва башардўстона таъкид шуд.

**ЎзА.**

# РАВОБИТИ БАЙНИПАРЛУМОНӢ МУСТАҲКАМТАР ШУДАНД

***Сафарҳои расмии тарафайни сарварони давлат, аъзои ҳукумат ва намояндагони парлумони Тоҷикистон ва Ўзбекистон барои боз ҳам мустаҳкам намудани риштаҳои дўстӣ, имзо гардидани созишнома ва санадҳои фарогири ҳамкориҳои байнидавлатӣ имкониятҳои зиёд фароҳам меоваранд. Муносибатҳои дипломатӣ, ҳамкориҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ рўз аз рўз инкишоф меёбанд. То имрўз дар байни ду давлат 225 ҳуҷҷати муҳиму стратегӣ имзо шудаанд.***

Аз ҷумла, 15-уми июни соли 2000 Шартномаи «Дўстии абадӣ», 17-уми августи соли 2018 Шартномаи «Стратегияи ҳамкорӣ», 2-юми июни соли 2022 декларатсияи «Ҳампаймонӣ ва мустаҳкамсозии дўстии абадӣ», 18-уми апрели соли 2024 Шартномаи «Муносибатҳои ҳампаймонӣ» ва монанди инҳо ба имзо расидаанд, ки ба қавитар гардидани ҳамкориҳои манфиатовари байнидавлатӣ ва мустаҳкам шудани дўстиву бародарии халқҳои ўзбеку тоҷик хидмат мекунанд.

Сафари расмии 18-19 апрели соли ҷории Президент Ш. Мирзиёев ба Тоҷикистон дар фаъолияти қонунгузорӣ, инчунин омода намудани ҳуҷҷатҳои байнидавлатӣ саҳифаи нав гардид. Президент Ш. Мирзиёев бо Раиси Маҷлиси намояндагони Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода мулоқот намуд. Президент ҳангоми вохўрӣ изҳор дошт, ки равобити байнипарлумонӣ бояд ба сатҳи баланд бардошта шавад. Дар омода намудани ҳуҷҷатҳои байнидавлатӣ бояд таҷрибаҳои пешқадам омўхта ва истифода шаванд.

Ин матлабҳои некбинона бо гузаштани андак вақт натиҷаи дилхоҳ ба майдон овард. 15-уми майи соли ҷорӣ муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Мавсума Муинӣ бо ҳамроҳии Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ўзбекистон Абдуҷаббор Раҳмонзода ба Палатаи қонунгузории Олий Маҷлиси Ўзбекистон ташриф оварданд. Меҳмонони олиқадрро раиси Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис Н. Исмоилов, сарвари гурўҳи «Дўстии парлумонии Ўзбекистон ва Тоҷикистон» У. Иноятов ва дигарон истиқбол намуданд.

Сипас ҷаласаи байнипарлумонӣ баргузор гардид. Иштирокдорон таъкид намуданд, ки равобити дўстии Ўзбекистон ва Тоҷикистон дар ҳама соҳаҳо ба дараҷаи назаррас беҳтар мешавад, ки ин самараи сиёсати одилонаву оқилонаи роҳбарони ду давлат, Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев ва Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст. Иродаи сиёсии роҳбарони ду давлат ба беҳтар шудани робитаҳои Тоҷикистону Ўзбекистон хидмат мекунад.

Маълумоти пурмуҳтавои осори таърихию илмӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки тоҷикону ўзбекон тўли садсолаҳои зиёд дар як минтақа осудаҳолона зистаанд. Муштаракоти диниву фарҳангӣ доранд. Урфу одат, тарзи либоспўшӣ ва арзишҳояшон муштараканд.

Шоиру мутафаккирони бузурги мо – Мавлоно Абдураҳмони Ҷомию Мир Алишери Навоӣ, Абдулло Қодирию Садриддин Айнӣ, Ғафур Ғулому Мирзо Турсунзода, Зулфияю Мирсаид Миршакар, Эркин Воҳидову Лоиқ Шералӣ ва дигарон дар намунаҳои эҷоди худ дўстии ҳақиқию самимии байни халқҳоямонро тараннум кардаанд. Хушбахтона, дар замони мо анъанаҳои ҳамкориву ҳаммаслакии аҷдодӣ, равобити байнипарлумонӣ бо шукўҳу шаҳомати бештару беҳтар идома доранд.

Алҳол барои забономўзӣ, ҳунаромўзӣ, зуҳур намудани маҳорату истеъдод ва ғайра тамоми шароит фароҳам аст.

Иштирокчиёни ҷаласа ва намояндагони парлумони ҳар ду кишвар барои боз ҳам қавитар гардонидани равобити байнипарлумонӣ фикру мулоҳизаҳои хешро иброз доштанд.

Пас аз итмоми ҷаласа вохўрии намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо аъзои гурўҳи «Дўстии парлумони Ўзбекистон ва Тоҷикистон» баргузор гардид. Сарвари гурўҳи парлумони дўстӣ У. Иноятов ва дигарон дар хусуси корҳое, ки бояд иҷро шаванд, мубодилаи афкор намуданд.

Бо боварии комил метавон гуфт, ки равобити байнипарлумонӣ боз ҳам бештар ва мустаҳкамтар хоҳад шуд. Зеро айни замон ҳамкориҳои байнипарлумонӣ, робитаҳои фарҳангиву иқтисодӣ, дўстиву бародарии халқҳои тоҷику ўзбек инкишоф меёбад.

**Таваккал ҶОРИЕВ,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**

# ДАР БОРАИ ИФТИТОҲИ ҶАМЪОМАДИ УМУМИИ ПАНҶОҲУ ДУЮМИ СЕНАТИ ОЛИЙ МАҶЛИСИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН

Ҷамъомади умумии панҷоҳу дуюми Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон 18 майи соли 2024 соати 9.00 дар шаҳри Тошканд дар толори ҷамъомадҳои Сенати Олий Маҷлис ба кор шурўъ мекунад.

Ҷамъомади умумӣ ба нақша гирифта шудааст, ки дар шакли видеоконфронс гузаронда шавад.

Ҷамъомади умумӣ тавассути канали Сенат дар YouTube мустақим намоиш дода мешавад.

**ЎзА.**

# ТАЪМИНОТ БО ОБИ ОШОМИДАНӢ БЕҲТАР МЕГАРДАД

***Дар нишасти матбуотие, ки дар Маркази матбуоти миллӣ бо иштироки роҳбарони ҶММ «Ўзсувтаъминот» баргузор шуд, доир ба сифат ва суръати кор дар самти таъмини аҳолӣ бо оби нўшокӣ, лоиҳаҳои муштарак, натиҷаҳои бадастоварда ва масъалаҳои ҳалталаб маълумот дода шуд.***

Дар натиҷаи корҳои анҷомдодашуда оид ба таъмини аҳолӣ бо оби мутамаркази ошомиданӣ сатҳи таъминоти оби нўшокӣ дар соли ҷорӣ аз 74,4 фоиз ба 77,2 фоиз афзуд. Қобили қайд аст, ки самти таъминоти аҳолии ду вилояти ҷумҳурӣ: Андиҷон ба 91 фоиз ва Хоразм ба 90 фоиз расид.

Дар самти ташаккули интизоми пардохт дар байни аҳолӣ, пешгирии истифодаи ғайриқонунии шабакаҳои мутамаркази оби нўшокӣ ва хидмати партов, такмили минбаъдаи низоми хидматрасонӣ аз ҷониби ташкилотҳои расмӣ корҳои назаррас анҷом дода мешаванд. Дар натиҷа ҳодисаҳои вайрон кардани қонун аз ҷониби истеъмолкунандагон бартараф карда шуда, зарари расонидашуда ба таври дахлдор рўёнда шуд.

Аз ҷумла, дар соли ҷорӣ 2600 мавриди пайвасти ғайриқонунӣ ба шабакаҳои об ва партовгоҳ дар ҳамкорӣ бо мақомоти назоратӣ ошкор карда шуд. Бинобар ин вайронкуниҳо, аз рўйи ҳисобҳои пешакӣ беш аз 51 млрд. сўм ба ҷамъият зарар расид. Хотиррасон менамоем, ки худсарона пайваст шудан ба шабакаҳои обтаъминкунӣ ва канализатсия тибқи қонунгузории амалкунанда ба ҷавобгарии ҷиноӣ кашида шуда, нисбати шахсоне, ки қонунро вайрон мекунанд, мувофиқи тартиби муқарраргардида чораҳои дахлдор андешида мешаванд. Дар баробари ин корҳои тарғиботие, ки ба беҳтар намудани интизоми пардохт дар байни истеъмолкунандагон нигаронида шудааст, гузаронда мешавад. Илова бар ин истеъмолкунандагон ҳангоми анҷом додани пардохт имкон доранд, ки аз воситаҳои қулай ва замонавии пардохт истифода баранд.

Бо мақсади кам кардани қарзҳои мавҷуда соли ҷорӣ 65,3 ҳазор қарздор ба маблағи 315 млрд. сўм даъво пешниҳод кард. Дар давраи ҳисоботӣ дар саросари кишвар 12 ҳазору 900 нафар истеъмолкунандагони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бинобар қарздорӣ аз шабакаҳои обтаъминкунӣ қатъ карда шуданд. Дар натиҷаи иҷрои корҳои иҷрошуда қарзи дебиториии истеъмолкунандагон нисбат ба аввали соли равон 16,2 миллиард сўм кам шуда, 740,5 миллиард сўмро ташкил намуд.

Дар анҷоми чорабинӣ барои бо суръати баланд идома додани кор, боз ҳам беҳтар гардондани талаботи аҳолӣ бо оби ошомиданӣ ва хидматрасонии обҳои партов вазифаҳои таъхирнопазир ва чораҳои амалӣ муайян карда шуданд.

**Махфират МАМАҶОНОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

Оила барои инсон даргоҳи азизу муқаддас аст. Кас дар ин даргоҳ таваллуд мешавад, ба воя мерасад, камол меёбад. Оиларо метавон ба як пораи кучаки ҷамъият монанд кард. Хонавода манзили муқаддаси ҷомеа, асоси тарбия низ ҳаст.

Аз тариқи ибрати падар, меҳри модар, панду андарзҳои бобову момо имону эътиқод, покиву ҳалолӣ, меҳру оқибат, ки аз ҳувиятҳои миллӣ мебошанд, аз насл ба насл мегузаранд, дар шуур ва қалби фарзандон нақш мебанданд.

Пойдевори ҷамъият ва давлате, ки дар пояи оилаи аз ҷиҳати иқтисодӣ фаровон ва дорои муҳити солими ғоявӣ ташаккул ёфтааст, мустаҳкам мегардад. Зеро дар чунин оила инсони аз ҷиҳати маънавӣ комил ба воя мерасад.

20 сентябри соли 1993-юм баённомаи Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид «Дар бораи соли байналхалқии оила» қабул гардид. Мувофиқи ин ҳуҷҷати байналхалқӣ аз соли 1994-ум 15 май ба сифати Рӯзи байналхалқии оила тақрибан дар тамоми давлатҳои дунё васеъ таҷлил карда мешавад.

Мақсади асосӣ аз таҷлили санаи мазкур ҷалб сохтани эътибори давлат ва ҷамъият ба масъалаҳои вобаста ба оила, ҳамаҷониба амиқ кардани чораёмӣ қарор доранд, корҳои назаррас амалӣ шуданд.

Дар мамлакат ҷорӣ гардидани лоиҳаҳои иҷтимоие чун «Дафтари бонувон», «Дафтари ҷавонон» ба дастгирӣ намудани оилаҳои ниёзманд, мустаҳкам кардани саломатии аъзои онҳо ва бартараф сохтани мушкилоти мавҷуда имкон медиҳанд.

Корҳои мунтазаме, ки бо ташаббуси Президенти кишвар бобати дар маҳаллаҳо муайян сохтани вазъи ҳар як оила, омӯхтани аҳволи аъзои онҳо, бартараф сохтани масъалаҳои мавҷуда амалӣ мешаванд, алҳол дар ҳаёти мардум самараи худро зоҳир менамоянд.

Солҳои охир барои оилаҳои ҷавон манзилҳо сохта мешаванд, вомҳои дарозмуҳлати имтиёзнок ҷудо мегарданд, ки низ аз эътибори баланд ба идораи оила шаҳодат медиҳад. Агар ба рақамҳо назар андозем, мебинем, ки бо мақсади ба аҳолӣ шароити мусоиди зиндагӣ фароҳам овардан чаҳор сол муқаддам тартиби нави ба тамоюли низоми бозаргонӣ асоснокшудаи ипотекӣ ҷорӣ гардид. Дар муддати кӯтоҳ дар ҳудудҳо аз ҳисоби 100 триллион сӯм маблағ 6 ҳазор бинои баландошёнаи серҳуҷрадор сохта шуд.

Дар натиҷаи саъю кӯшишҳои мазкур 250 ҳазор оила соҳиби манзили

# ОИЛА ХУШБАХТ БОШАД, ҶАМЪИЯТ УСТУВОР МЕШАВАД

***Дар олам ҷое ҳаст, ки мо ҳама сӯйи он мешитобем. Баъди кор, пас аз ҷараёни фаъолият ҷониби он маскан роҳ пеш мегирем. Дар он ҷо меҳри наздикон, тафти дили фарзандону набераҳоямон, ки ба мазмуни умри мо табдил ёфтаанд, муҷассам аст. Ин, бешубҳа, оилаи мо, хонадони мост.***

нҳое мебошад, ки ба ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ ва демографӣ таъсир мерасонанд. Зеро оила нерӯест, ки муҳити маънавӣ, кайфияти хуш ва истиқрори ҳаёти ҷамъиятро таъмин месозад.

Дар мамлакати мо таҳти сарварии Президент Шавкат Мирзиёев ба ҳифзи манфиатҳои оила, баланд бардоштани мавқеъ ва мақоми он дар ҷамъият, масъалаҳои ҳамаҷониба дастгирӣ намудани оилаҳои ҷавон эътибори махсус дода мешавад. Чунончӣ, мувофиқи қарори роҳбари давлат аз 27 июни соли 2018-ум дар кишварамон аз соли 2019-ум 15 май ҳамчун Рӯзи байналхалқии оила васеъ қайд карда мешавад.

Ин бесабаб нест. Зеро мафҳумҳое чун оила, фарзанд пояи ҷамъият буда, мазмуни ҳаёти ҳар кадоми мо ба шумор меояд. Халқи мо аз қадимулайём оиларо муқаддас дониста, барои дар он ба вуҷуд овардани муҳити солим ва мустаҳкам намудан эътибори махсус додааст.

Ба хусус 7-8 соли охир барои ҳамаҷониба инкишоф ва ташаккул додани идораи оила, ки дар мамлакати мо ҳалқаи муҳими ҷамъият дониста мешавад, ислоҳоти васеъмиқёс амалӣ мешаванд. Аз ҷумла барои ҳифзи ҳувияти оила дар ҷамъият, беҳтар намудани муҳити маънавиву ахлоқии он ва боло бардоштани дараҷаи фаровонҳолии вай корҳои муайяне иҷро гардиданд.

Мустаҳкам кардани идораи оила, ки қалъаи меҳру муҳаббат маҳсуб меёбад, ба дараҷаи сиёсати давлатӣ бардошта шуд, сари вақт муайян кардани мушкилоти оила ва занону духтарон, кумакҳои иҷтимоиву ҳуқуқӣ, равониву рӯҳӣ расонидан ба оила ва занону бонувоне, ки дар ҳолати душвори иҷтинав гардиданд. Ба 45 ҳазор оилаи камдаромад барои пардохти ибтидоӣ ва фоизӣ 2,4 триллион сӯм субсид дода шуд. Чунончӣ, танҳо соли гузашта дар тамоми мамлакат 85 ҳазор манзил сохта, 17 триллион сӯмина вомҳои ипотекӣ ҷудо карда шуданд. Умуман, метавон чунин мисолҳоро зиёд овард.

Дар доираи Стратегияи «Ӯзбекистон – 2030» барои афзун намудани фаъолнокии сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии занону духтарон, истиқрори баробарии гендерӣ, таъмин сохтани ҳуқуқ ва манфиатҳои бонувон чорабиниҳои васеъмиқёс амалӣ мешаванд. Барои ин мақсад, пеш аз ҳама, қонунгузории миллӣ такмил меёбад, барои хоҳарони мо имкониятҳои бештар фароҳам оварда мешаванд.

Дар Сарқонуни таҳрири нав низ ба оила ҳамчун ба ҳалқаи асосии ҷамъият эътибори бузург дода шудааст, таъкид мешавад, ки оила дар муҳофизати ҷамъият ва давлат қарор дорад, давлат ба ҳамаҷониба инкишоф ёфтани оила, фароҳам овардани шароитҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва ғайраи он масъул мебошад.

Хулоса, оила ҳалқаи муҳимтарини ҷамъият аст. Аз ин рӯ мо вазифадорем оиларо, ки мазмуни ҳаётамон буда, моро ҳамеша ба канори худ ҷалб месозад, мустаҳкам намоем. Замоне, ки мо фарзандони соҳиби ахлоқи нек ва дорои касбу ҳунарро тарбия мекунем, ин хидмати иҷборӣ аз дӯшамон соқит мегардад.

**Музаффара АБДИЕВА,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**

18 май – Рӯзи байналхалқии осорхонаҳо

# МУАРРИФГАРИ ТАЪРИХИ ЯК НОҲИЯ



Осорхонаи таърихии «Хотира ва қадриятҳои миллӣ»-и ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Гулобод»-и ноҳияи Олтинсойи вилояти Сурхондарё яке аз мавзеъҳои намоёни ин қаламрав мебошад. Барои дидани он ба ҷуз аз сайёҳони дохилӣ шумори зиёди ҷаҳонгардони хориҷӣ аз Афғонистон, Чехия, Полша, Венгрия ва Русияву Тоҷикистон ташриф овардаанд. Ҳоло аз ҷониби ҳукумати ҷумҳурӣ дастгирӣ ёфтани соҳаи туризми дохиливу хориҷӣ боиси афзоиши шумори тамошобинони осорхона гаштааст. Меҳмонон таассуроти неке бардоштаву бештар ба ваҷд меоянд ва аз он изҳори тааҷҷуб мекунанд, ки чӣ тавр дар як гӯшаи дурдасти Ӯзбекистон чунин осорхонаи бой ва дорои ашёи қадима ташкил шудааст.

Бояд таъкид кард, ки дар осорхонаи мо зиёда аз 3000 номгӯй экспонатҳо маҳфузанд ва онҳо аз таърихи бою тамаддуни замоне пешрафтаи мардуми маҳал ҳикоят мекунанд. Қадимтарин ашёи осорхонаи маҳаллаи Гулобод тақрибан 2700 сол таърих дорад ва он танӯри нонпазӣ мебошад, ки хушбахтона то ба рӯзгори мо беосеб расидааст. Ин танӯр аз маҳалли кофтуковҳои археологии Қизилтеппа пайдо шудааст, ки дар қарибиҳои маҳаллаи Гулобод воқеъ аст. Чандин сол пеш аз ин бостоншиносони Чин бо раҳбарии профессор У Шин дар Қизилтеппа кофтуковҳои археологӣ доир намуданд ва маълум карданд, ки дар зери хок таърихи қадимаи мардуми минтақа маҳфуз мондааст. Онҳо чун аз мавҷудияти як осорхонаи бостоншиносӣ дар деҳаи Гулобод хабар ёфтанд, чандин ашёи қадимаро дар ихтиёри он вогузоштанд. Ин тавр, ҳамин танӯри қадима ва як обдони артиши Искандари Мақдунӣ моли осорхонаи мо гашт ва ҳоло, бешак, аз мавҷудияти чунин ашёи қадима ифтихор мекунем. Ҳамчунин аз маҳалли ҳафриётҳои Малилитеппа низ ашёи зиёде ба дасти мо расидааст, ки иборат аз кӯзаҳои гуногун ва асбобу ашёи рӯзгори замони қадим мебошанд. Тиру камони замони салтанати Амир Темур ҳам як экспонати дорои аҳамияти таърихӣ буда, ҳоло дар рафҳои осорхона маҳфуз аст.

Ғояи ташкил намудани осорхонаи таърихӣ дар қаламрави маҳалла байни як гурӯҳ зиёиёни худшинос пайдо гашта, дар зудтарин фурсат дар амал татбиқ гашта буд. Омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик шодравон Давлат Фатҳуллоев, омӯзгори фанни физика Исматуллоҳ Фузайлов ва собиқ раҳбари мактаби 9-уми Олтинсой Содиқ Мирзоев аз фарзандони дилсӯзи маҳал буданд, ки ба гузаштаи миллати худ таваҷҷуҳ зоҳир намудаву чунин як осорхонаи бойро асос гузоштанд. Бинои чӯбкории он аз ҷониби панҷ гурӯҳи хатмкардагони солҳои 1960-1970 мактаби деҳа бунёд ёфта, ашёи зарурии таърихии он бештар аз деҳаҳои Фангат, Ғӯтхокин, Бештахта, Ҳавз, Оқсу ва Хоҷаи Поки ноҳия ҷамъоварӣ гаштаанд. Осорхона аз соли 1991 амал мекунад ва пайваста ғанӣ мегардад. Соли 2008 тибқи қарори рақами 38-уми ҳокими ноҳия ин осорхона ба тасарруфи шуъбаи маданият ва варзиши вилоят даромад, ки ҳоло нигаҳдории мероси қадима ном дорад. Соли 2018 замони як дидору мулоқот бо мардуми маҳал собиқ ҳокими вилояти Сурхондарё Эркинҷон Турдимов барои бозсозии бинои осорхонаи таърихии «Хотира ва қадриятҳои миллӣ»-и маҳаллаи Гулобод 250 миллион сӯм маблағ ҷудо кард. Улуғбек Қосимов, ҳокими имрӯзаи вилоят низ аз фаъолияти осорхонаи мо огоҳ аст ва барои нигоҳубини он аз ҳисоби буҷа 0,5 штати корӣ ҷудо кард, ки ҳоло Нодира Исматуллоева машғул аст. Интизор меравад, ки дар ояндаи наздик шумораи штати кориро ба ду баробар афзоянд.



Осорхонаи таърихии «Хотира ва қадриятҳои миллӣ» дар аксари чорабиниҳои сатҳи ноҳия, вилоят ва ҷумҳурӣ ширкат меварзад. Осорхонаи таърихии мо бо намунаи беҳтарини экспонатҳояш чандин сол аст, ки дар фестивалҳои «Баҳори Бойсун», «Санъати бахшӣ» дар шаҳри Тирмиз ва «Роҳи абрешим» дар шаҳри Тошканд ширкати фаъол дорад ва дар муаррифии таърихи бошандагони ноҳияи Олтинсой саҳм мегузорад.

**Ҳабибулло ИСМАТУЛЛОЕВ,**
**раиси Маркази миллию фарҳангии тоҷикони ноҳияи Олтинсойи вилояти Сурхондарё.**

## ХАБАРҲО

### «ШАҲРИ ГУЛҲО» БА ҶАШНВОРА ОМОДА АСТ

***Фардо «Ҷашнвораи гулҳо» дар шаҳри Намангон чун анъана баргузор мегардад, оғоз меёбад.***

Ба ин чорабинии байналхалқӣ, ки 63 сол инҷониб дар сатҳи байналхалқӣ сурат мегирад, ҳарҷониба тайёрӣ дида шуд. Ҳокими вилоят Шавкатҷон Абдураззоқов бо мақсади шиносоӣ ба рафти омодагӣ ба ҳудудҳо баромад. Нахуст вай композитсияи гулҳои қаламрави ноҳияи Давлатободро аз назар гузаронд. Супориш дод ба баланд бардоштани сифат ва мазмуннокӣ, зиёд кардани миқдори баннерҳои ҷашнвораро тарғибкунанда дар кӯчаҳои марказӣ ва канори роҳҳо эътибор пурзӯр гардонда шавад.

Айни замон ҳокими вилоят аз меҳмонхонаҳои нав ва объектҳои сайёҳӣ дидан кард, ки дар арафаи ҷашнвора ба кор андохта мешаванд. Барои боз ҳам шароити қулайтар офаридан ба сайёҳони хориҷиву дохилӣ, ки ба Намангон меоянд, тавсияҳо дод.

«Ҷашнвораи гулҳо» дар Намангон то 23 июн давом мекунад. Чорабиниро ба тарзи анъанавӣ паради автомобилҳои бо гул орододашуда оғоз мебахшад.

### КИТОБ ДАР БОРАИ ЧЕҲРАИ НАМОЁНИ СИНАМО

***Кору номи бузургмардони олами хираду фарҳанг ҳеҷ гоҳ фаромӯш намешавад. Чанде аз ҳамзамонҳои мо низ ба сифати чеҳраи намоёни ҳунар дар хотираи мо нақш бастаанд.***

Ба наздикӣ китоби Адиба Носирова бо унвони «Шуҳрат Аббосов дар хотираи ҳамзамонҳо» аз чоп баромад. Дар китоб роҳи ҳаёт ва эҷодии коргардони номӣ, мавқеи ӯ дар синамо, филмҳои ҷолиби диққате, ки вай режиссёрӣ кардааст, нақл мешавад. Баробари ҳамин дар бораи дигар кинорежиссёрҳои номӣ, аз қабили Набӣ Ғаниев, Йӯлдош Аъзамов, Комил Ёрматов ва дигарон дар китоб маълумотҳои қобили таваҷҷуҳ мавҷуд.

Навъе дар китоб қайд шуда, Шуҳрат Аббосов яке аз симоҳои намоён дар маданият ва санъати халқамон ба шумор мерафт, коргардони бузурги кинову театр буд. Дар баробари ҳамин вай бо фаъолияти бойи эҷодӣ ва маҳорати педагогӣ барои як қатор ходимони соҳаи кинову театри замони мо мактаби олии ибрат гардид.

Ҳунарпешаи мардумӣ Шуҳрат Аббосов аз охири солҳои панҷоҳум ба кино ворид шуда, дар тӯли бештар аз шаст сол бо эҷоди баландғояи худ имконият фароҳам овард, ки санъати саҳна ва экрани ин халқ ба ҷузъи ҷудонопазири маънавияти миллӣ табдил ёбад.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

### ОМОДАГӢ БА МАВСИМИ ҶАМЪОВАРИИ ҲОСИЛ

***Ба оғоз гардидани мавсими ҷамъоварии ғалладона рӯзҳои башумор боқӣ мондааст. Ин аст, ки дар шаҳру навоҳии вилояти Қашқадарё ба мавсими мазкур омодагии ҳамаҷониба мебинанд.***

Мавзӯи омӯзиши ҷамъомади густурда дар ноҳияи Қамашӣ бо ширкати сарварони хоҷагиҳои фермерӣ, намояндагони ҳокимияти вилояту ноҳия ва дигар идороти масъули қаламрав ҳам омодагиҳо ба ҷамъоварии кишти ғалладона буд. Маълум гардид, ки ноҳияи Қамашӣ дар ин кор пешсаф буда, тамоми чораҳои зарурӣ андешида шудаанд. Бояд таъкид кард, ки дар ноҳия 402 хоҷагии фермерӣ вуҷуд дорад, ки бо кишти ғалладона машғул. Соли равон ин хоҷагиҳои фермерӣ дар 10450 гектар замини обӣ гандуму ҷав кишт намуда, алҳол мунтазири ҷамъоварии ҳосил ҳастанд. Барои дар амал татбиқ намудани ин корҳо аллакай техникаи ғалладарав таъмир гардида, кори идораҳои қабули ғалладона низ ҳамоҳанг гардонда шудаанд. 13 гурӯҳи корӣ созмон ёфтаву камбудиҳои 26 комбайни хушкору тезкор бартараф карда шуд. Барои муташаккилона гузаронидани мавсими ҷамъоварии кишти ғалла зиёда аз 150 мошини боркаш низ ҷалб хоҳад гашт. Идораи сӯхторнишони ноҳия низ дар ҳолати омодабош қарор дорад.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Қашқадарё.**

### ИҶЛОСИЯ НАТИҶАҲОИ СЕМОҲАРО БАРРАСӢ НАМУД

***Иҷлосияи навбатии Шӯрои депутатҳои халқи шаҳри Фарғона баргузор шуд.***

Масъалаи аввали иҷлосия ба ҳудуди бидуни коррупсия ва холӣ аз бекорӣ табдил додани шаҳр, инчунин ба иҷрои корҳое нигаронида шуд, ки дар семоҳаи аввали соли равон марбут ба «Хонаводаи обод», «Кӯчаи обод» ва «Маҳаллаи обод» ба анҷом расидаанд. Дар ин бора ҳисоботи роҳбарони секторҳои шаҳр шунида шуд.

Ҳокими вилоят фаъолияти роҳбарони тамоми соҳаҳои шаҳр, бахусус фаъолияти прокурор ва сардори нозироти идораи андози шаҳрро аз рӯи ҳаҷм ва сифати корҳои анҷомдодашуда ба таври танқидӣ арзёбӣ намуд. Дар идома Хайрулло Бозоров аз онҳо бо қатъият даъват кард, ки ҷиҳати иҷрои нақшаю барномаҳои зикргардида масъулияти бештар ҳис намоянд, татбиқи лоиҳаҳои сармоягузориро пурра таъмин кунанд, ба таъсиси ҷойҳои нави кор ва ташкили мунтазами таъмини шуғли аҳолӣ чораҳои саривақтӣ андешанд.

Инчунин, дар ин иҷлосия, ки дар рӯҳияи худтанқидкунӣ гузашт, дар бораи корҳои баҷоовардашудаи соҳаи хоҷагии коммуналӣ, мушкилоту муаммоҳои мавҷуда ва чораҳои бартараф намудани онҳо, камбудиҳои ҷойдошта ҳисоботи роҳбарони ташкилотҳои дахлдор шунида шуд. Қайд гардид, ки онҳо низ дар ҳалли масъалаҳое, ки ба беҳбуди зиндагии аҳолии шаҳр вобаста мебошанд, талоши бештар ба харҷ диҳанд.

Интизор меравад, ки ба як қатор шахсони мансабдори шаҳр барои иҷро накардани вазифаҳои ба зиммаашон гузошташуда чораҳои интизомӣ дида шавад. Гуфта шуд, ки онҳо ба тадбирҳои баланд бардоштани самаранокии кор аз паси панҷа нигариста, зимни кор бо мурочиатҳои аҳолӣ ба камбудиҳои ҷиддӣ роҳ додаанд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

### КИТОБХОНАҲОИ ШАХСИИ АДИБОН БА ХОНАНДАГОН ДАРИ ХУДРО БОЗ КАРД

***Дар хонаҳое, ки адибони маъруф, узви Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон Одил Ҳотамов ва Шойим Шерназар зиндагӣ кардаанд, маросими ботантанаи кушодашавии китобхонаҳои шахсии адибон дар ҷамоати шаҳрвандони «Кӯҳнақӯрғон» ва «Дӯрмон»-и ноҳияи Карманаи вилояти Навоӣ баргузор гардид.***

Ҳамчунин лавҳаҳои хотиравӣ гузошта шуд. Дар пештоқи хонаҳои эҷодии адибон навиштаҷоти «Китобхонаи нависандагони Ӯзбекистон» қалби ҳар як хонандаро фараҳ мебахшад.

Дар маросими кушодашавии китобхона бо роҳбарии раиси шуъбаи вилоятии Иттифоқи нависандагон Баҳриддин Садриддинов як гурӯҳ адибон ва аҳолии маҳаллӣ иштирок намуданд. Адабиётшинос Абдуҳамид Холмуродов, шоирон Достон Мавлонов, Бахтиёр Тошназаров ва дигарон ба ҳозирин аз хотираҳои худ ҳикоят намуда, шеърҳо қироат карданд.

Бо иштироки меҳмонон ва намояндагони маҳаллаҳо лентаи сурх бурида, лавҳаи мармарӣ боз гардид.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

### ДУШВОРИҲО БАРТАРАФ МЕГАРДАНД

***Қабули сайёри навбатии ҳокими ноҳияи Чуст дар маҷлисгоҳи мактаби таълими миёнаи умумии рақами 58-уми ноҳия сурат гирифт.***

Дар он асосан ҷавонон, шаҳрвандони маҳаллаҳои Қалъаи Поён ва Майдон пазируфта шуданд. Ба роҳбар онҳо оид ба ҳалли мушкилоти иҷтимоию маишӣ муроҷиат намуданд. Чунончи, сокинон Гулноза Ҳасанова, Гулноза Султонова, Аюбҷон Мирбозоров, Аъзамҷон Усмонов, Тоштилло Ҷӯраева ва боз чанде масъалаҳои кумак ба муолиҷа, таъминоти иҷтимоии оби тоза, вомгирӣ аз бонк ва ёрӣ ба сохтмони манзилро ба миён ниҳоданд. Боз пурра ва саривақтӣ дастраскунии гази моеъ ба аҳолӣ муҳокима гардид.

Ҳоким Бахтиёрҷон Салимҷонов барои рафъи душвориҳо ва ёрӣ ба эҳтиёҷмандон ба сарварони созмону муассисаҳо супоришҳо дод.

**Ш. МИРЗОЕВ.**
*Вилояти НАМАНГОН.*

Аз ҳаёти иттифоқи касаба

# АЗ КОРГАРӢ ТО РАҲБАРӢ

Дар ҳудуди деҳаи Дашнободи ноҳияи Сариосиё оилаи Аҳмедовҳоро нек мешиносанду эҳтиром мекунанд. Сарвари хонадон – амаки Абдураҳмон иштирокчии Ҷанги дуюми ҷаҳон буда, як муддат дар хоҷагии ҷамоавии «Дашнобод» (солҳои 1952-1959) раисӣ ва минбаъд дар идораҳои сохтмонии ноҳия вазифаи муҳосибро адо кардааст. Завҷааш ба ҷуз корҳои рӯзгор дар хоҷагии ҷамоавии «Дашнобод» кор карда, ба шавҳари худ кумак мерасонд. Зану шавҳар бо инояти Парвардигор пасопеш соҳиби ҳашт писар шуда, онҳоро хуб тарбия доданд ва аксарашонро соҳиби маълумоти олӣ карданд. Хоса, амаки Абдураҳмон ба хондани бачаҳо аз таҳти дил эътибор дода, қотеъона талаб мекард, ки мактабро аъло хонанд. Падар аз гирумони бачаҳои худ хушнуд гашта, орзу дошт, ки дар маърифат воло ва дар илму фарҳанг дастболо шаванд. Ҳашт писарро зодаву ба камол расондан ба бонуи хонадон – холаи Турсун ҳам осон накӯчидааст. Хеле заҳмат кашид, то онҳо ба ҳашт наҷми дурахшоне мубаддал гарданд. Аммо ҷойгоҳи Абдукарим дигар буд.

Аз ёди модари раҳматии худ чашмони Абдукарими ҳоло 74-сола нам мешаванд ва фавран аз гӯшаи хотир мегузаронад, ки акнун падари дуогӯи ӯ Абдураҳмони мушкилкушои мардум низ ба дунёи боқӣ реҳлат кардааст. Симои солори падар, табассуми беолоиши модар… мудом пеши назараш ҷилвагар гашта, Абдукарими акнун худ падару соҳиби чандин наберагони навбарро ноаён ғамолуд месозанд.

Абдукарим Аҳмедов пас аз хатми мактаби миёнаи зодгоҳаш як сол дар хоҷагии ҷамоавии «Дашнобод» кор кард, баъд ба Донишкадаи хоҷагии қишлоқи Тошканд ҳуҷҷат супорид. Ин даргоҳи маърифатро бо баҳои хубу аъло хондаву хатм намуда, аз соли 1971 ба сифати иқтисодчӣ дар хоҷагии ҷамоавии «Дашнобод» ба кор оғоз намуд.

Абдукарим аз соли 1998 раиси Шӯрои иттифоқҳои касабаи вилояти Сурхондарё шуд. Баъдан номи ин идораи бонуфуз тағйир ёфта, ба Шӯрои сурхондарёии Федератсияи иттифоқҳои касабаи Ӯзбекистон мубаддал гашт. Инак, 27 сол боз дар мақоми раиси ин даргоҳ кор кардаву соҳиби обрӯйи баланд гаштааст.

– Ҳоло дар тамоми шаҳру навоҳии вилоят зиёда аз 2500 ташкилоти ибтидоии иттифоқҳои касаба амал мекунанд, ки беш аз 355 000 узв доранд. Ин як неруи муқтадир буда, дар атрофи Шӯрои сурхондарёии Федератсияи иттифоқҳои касаба муттаҳид гаштааст, – мегӯяд Абдукарим Аҳмедов.

Дар замони раҳбарии ӯ корҳои шоёне амалӣ шуданд, ки дар таърихи вилоят бо ҳарфҳои заррин сабт хоҳанд гашт. Аз ҷумла, бозсозӣ ва аз таъмир шудани фароғатгоҳи бачаҳо «Хонҷиза», ки 250 ҷой дорад, аз сифр сохта шудани фароғатгоҳи дорои 250 ҷой бо номи «Бешбулоқ – Сурхон – Шеробод», ки дар миқёси ҷумҳурӣ беназир аст, аз нав бунёд гардидани фароғатгоҳи бачагон барои 200 ҷой дар шаҳри Тирмиз бо номи «Амударё»-ро метавон чун мисоли сареҳе қайд намуд. Дар ин фарғатгоҳҳо, ки ҳама таҷҳизоти замонавӣ доранд ва дар гӯшаҳои сабзу хуррами вилоят қомат афтохтаанд, соле ҳудуди 3000 нафар бачаҳо таътили тобистонаи худро хубу хуш мегузаронанд. Бояд таъкид кард, ки барои аҳли меҳнат ва заҳмати вилоят низ осоишгоҳҳои хуб сохта шуданд. Яке аз онҳо дар ноҳияи Тирмизи вилояти Сурхондарё ҷой дорад, ки бо номи «Марвориди Тирмиз» маъруф аст.

– Шӯро на танҳо аз ҳуқуқи аҳли меҳнати минтақа дифоъ мекунад, балки бо нишондоди раҳбари давлат дар офаридани ҷойҳои нави кор низ саҳм мегузорад. Дар саросари вилоят барои сохта ба истифода дода шудани коргоҳҳои хурду бузург ҳиссаи арзанде мегузорад. Як қисми қишри бекори аҳолиро дар маҳалҳо бо таҷҳизоти зарурӣ таъмин месозад.

Абдукарим Аҳмедов чун раҳбари донову пухтакоре дар сохтмони Ӯзбекистони Нав саҳм мегирад. Имрӯзҳо дар Шӯрои сурхондарёӣ 36 нафар мутахассисони баландпоя ифои вазифа мекунанд ва бо раҳбари худ дар пешбурди корҳо мусоидат месозанд.

Аҳмедов аз он хурсанд аст, ки бо ибтикори раҳбарони воломақоми ду кишвари ҳамсоя – Ӯзбекистон ва Тоҷикистон дар таҳкими дӯстии халқҳои минтақа қадамҳои босубот гузошта мешаванд. Шӯрои сурхондарёии федератсияи иттифоқҳои касабаи ҷумҳурӣ бо Иттиҳодияи иттифоқҳои касабаи вилояти Хатлони Тоҷикистон созишномаи ҳамкориеро ба имзо расониданд. Тибқи созишнома, ки ибтидои соли 2023 ба имзо расид, ҳайати вакилони вилояти Хатлон бо роҳбарии раиси Иттиҳодияи иттифоқҳои касабаи минтақа Абдурозиқ Шарифӣ ба вилояти Сурхондарё ташриф оварданд. Намояндагони Шӯрои сурхондарёӣ низ ба вилояти Хатлон сафар карда, бо тарзи корбарии ҳамтоёни худ аз наздик шинос гардиданд.

– Мо хеле шодем, ки дар доираи ин созишнома ҳамкориҳоямон густариш меёбанд ва орзумандем, ки оянда ба зинаи сифатан наве хоҳанд расид, – мегӯяд Абдукарим Аҳмедов.

Барои хидматҳояш дар роҳи ободии Ватан ӯ соли 2017 ба ордени «Дӯстлик» мушарраф гардид.

Соли 2023 барандаи унвони ифтихории «Мураббии ҷавонон» шуд.

– Дар кишваре, ки ба қадри инсон ва меҳнати ӯ мерасанд, зиндагӣ кардан басо гуворост. Аз чунин қадрдонӣ сарам ба осмон расидаву вуҷудам аз ҳисси ифтихор лабрез гашт, – суҳбати моро хулоса кард мусоҳибам.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти СУРХОНДАРЁ.*

*Нишасти матбуотӣ*

# СИФАТИ ХИДМАТ БЕҲ МЕГАРДАД

**_Дар нишасти матбуотие, ки ҶС «Ӯзагросуғурта» дар маркази матбуоти миллӣ ташкил намуд, фаъолияти солона ва даври чоряки аввали соли 2024 таҳлил шуд._**

Аз баромади мутахассисони соҳа маълум шуд, ки ҷамъияти номбурда агар аввали соли 2023 ба мизоҷон 18 намуди хидмати суғуртаро пешниҳод карда бошад, дар охири сол он ба 26-то расидааст. Рақамигардонии соҳа ба фаъолияти ширкат як қатор афзалиятҳоро фароҳам овард. Таҳлили солона нишон медиҳад, ки хидмати ҷамъият нисбати соли 2022 ба 121,6 фоиз афзудааст. Ҳаҷми маҷбурияти суғурта мувофиқи шартномаҳои расмишуда дар соли 2023 ба 151,5 фоиз зиёд гардид. Аз 715 314 шартномаи суғуртаи бо мизоҷон бастаи ҷамъият 650 034-тоаш ба саломатӣ ва мулки аҳолӣ, 65 280-тоаш ба навъҳои дигари суғурта марбут аст.

Нишондиҳандаҳои чоряки аввали соли ҷорӣ низ назаррасанд. Ҷамъият дар ин давр 104 774 шартномаи суғуртавӣ баста, ба маблағи 25,8 триллион сӯм суғуртаи ҷавобгарӣ ба даст овард. Дар доираи он ҷамъ 15,3 миллиард сӯм ҷаримаи суғуртавӣ ситонд. Ёдрас намудан ҷоиз аст, ки фаъолияти ҷамъият аз ҷониби рейтинги байналхалқии агентиҳо эътироф гардида, ба талабҳои стандарти байналхалқии ISO 9001:2015 мувофиқ дониста шуд.

**Г. КАБИРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

**_Ҳокими вилояти Навоӣ Нурмат Турсунов як гурӯҳ меҳмонони қазоқистониро ботантана пазироӣ намуд._**

# МЕҲМОНОНИ ҚАЗОҚИСТОНӢ ДАР НАВОӢ

Ҳозиринро ба муносибати тадбирҳои байналмилалии маданӣ, ки бахшида ба эҳтиром, ҳамҷиҳатӣ ва дӯстии миллатҳои гуногун, рушд бахшидан бо соҳаи сайёҳӣ гузаронида мешаванд, муборакбод намуд.

Дар чорабинӣ Сафири Фавқулода ва Мухтори Қазоқистон дар Ӯзбекистон Бейбут Атамқулов иштирок намуда, дар бораи боз ҳам мустаҳкам намудани дӯстии халқҳо суханронӣ кард.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

*Ёдбуд*

# ДУОИ «БАД»-И УСТОД



**_Ҳасан Ирфон (1900-1973) аз чеҳраи намоёни илму фарҳанги Самарқанд, адиби хушбаён, луғатдони нуктасанҷ, тарҷумони моҳир буд, ки дар тӯли зиндагии пурсамар аз худ мероси гаронарзише ба ёдгор гузошт._**
**_Инҷониб саодатманд аз онам, ки ба шарофати шогирдӣ ва ҳамкорӣ аз файзи суҳбатҳои дилнишин, насиҳати падарона, маслиҳатҳои муфид, рафтору гуфтори ибратбахш ва хосатан асрори сухандонӣ, қаламзанӣ баҳраманд гардидаам._**
**_Гарчанде аз вафоти устоди сахтгиру меҳрубон, дилёбу дарёдил, хушгуфтору хушрафтор беш аз ним аср сипарӣ гардидааст, дуои «бад»-и ӯро ба хотир оварда, сухане бар сухане зам мекунам._**

## ВОХӮРИИ ТАҚДИРСОЗ

Тирамоҳи соли 1970, пас аз адои хидмати ҳарбӣ, барои муборакбодии камина хешу ақрабо, дӯстону ҳамдеҳагон меомаданд. Мо ҳамчун соҳиби хона меҳмонро дар таги дар пешвоз гирифта, гусел мекардем. Ногоҳ марди ношиноси тахминан 60-сола, ки дар сар тоқии чустӣ, дар тан шиму костюми сиёҳи озода ва дар даст асо дошт, солорона қадам партофта, ба сӯйи ҳавлии мо омад. Аз намуди зоҳириаш маълум буд, ки ӯ шахси бомаданияту донишманд аст.

– Нашинохтӣ? – аз ҳайрати ман рамуз гирифта пурсид падарам.

Китф дарҳам кашида, ба маънои инкор сар ҷунбондам.

– Ҳасан Ирфон, – оҳиста пичиррос зад падарам, – дар деҳаи ҳамсоя зиндагӣ мекунанд. Адиб, тарҷумон.

Рости гап, тақдир маро то ин дам бо шоиру нависандагон рӯ ба рӯ накарда буд. Эҳтимол аз ҳамин сабаб бошад, ман дасту по хӯрда, ҳатто бо меҳмон вохӯрӣ намуданро фаромӯш кардам.

Меҳмон паси миз нишаста, омин карду ба суроғи аскар афтод. Тамоми вуҷудамро як ҳисси изтиробомезе фаро гирифт, зеро дар назди ман нависандаи номдори тоҷик, тарҷумони маъруф Ҳасан Алихонович Мамадхонов, ки бо тахаллуси «Ирфон» маълуму машҳур буд, менишаст. Ба назди ӯ рафта, даст ба сари сина гузошта, дубора салом додам. Меҳмон аз ҷой хеста, самимона дастамро фишурд.

– Боракалло, боракалло, – гӯён ба китфонам навозишкорона тап-тап зада, аз паҳлӯяш ба нишастан ҷой нишон дод.

Ҳасан Ирфон одами хоксор, суҳбатоpo ва дилкушоду дидадаро буд. Ман бо диққат ба симои ӯ нигаристам: вай пешонии фарох, чашмони каме фурӯрафта, бинии теғадор ва рӯйи дароз дошт. Лабонаш ҳамеша моили табассум буд. Бо забони содаву равони адабӣ, ки лаҳҷаи беолоиши Самарқандро ба ёд меовард, сухан меронд. Гоҳо ҳазлу мутоибаро ба авҷи аълояш мерасонд.

– Писарҷон, чӣ ном доред? – ногоҳ пурсид вай.

– Зоҳир, – гуфтам ман.

– Муҳаммад Зоҳиршоҳ, – гӯён мад кашид, – яъне подшоҳ, шоҳи Афғонистон. Дуруст?

Аз ин болобардории ногаҳонӣ дар лабонам табассум дамид. Шояд ӯ аз хурсандии ман рӯҳ гирифту суханашро идома дод ва дар бораи Афғонистон, подшоҳи он, сиёсати давлатдорӣ нақл кард. Ҳикоятҳояш, ки аз воқеаҳои пуртаъсиру дилангез иборат буданд, ҳама гӯш ба қимор менишастанд.

Он рӯз Ҳасан Ирфон дар хонаи мо хеле нишаст. Дигар меҳмонон ҳам аз суҳбатҳои мароқангези ӯ дил канда наметавонистанд. Одамон вақте баъзе чизҳоро мепурсиданд, вай бо тамкин, ҳаматарафа, бо далелҳои раднопазир ва ба ҳама фаҳмо ҷавоб медод.

Пас аз маърака ман ӯро то хонааш ҳамроҳӣ кардам. Маълум шуд, ки вай чанде пеш аз хонаи писараш, ки дар шаҳр буд, ба хонаи духтараш – Зебо кӯчида омада будааст.

Ҳасан Ирфон аз вохӯрии нахустин дар дили ман нисбат ба худ меҳру муҳаббати беандоза бедор кард. Ин буд, ки рӯзе хоҳарам – Кибриё хабар расонд, ки ӯ дар ҷустуҷӯйи котиби шахсӣ аст. Ман, ки ташнаи дидору суҳбати Ҳасан Ирфон будам, зуд ба ин кор розӣ шудам.

## МАКТАБИ ЭҶОДИИ УСТОД

Адиб дар хоначае, ки тахминан се бар чор метр масоҳат дошту таги дарвоза, дар шафати ошхона воқеъ буд, зиндагӣ мекард. Ҷиҳози хона ҳамагӣ аз як кат, мизи корӣ ва ду-се курсӣ иборат буд. Дар болои кати хоб сурати марди бадқавоқу туршрӯ, ки дар болои асп нишаста, хашмгинона лаҷоми онро мекашид, овезон буд. Аз нигоҳи тунду тези ӯ дили кас ба ҳарос меафтод.

– Шумо ҳам тарсидед? – аз таваҷҷуҳи ман ба расм пай бурда, бо табассум пурсид вай. – Дар ҳаёт ҳамин хел одамон мешаванд. Ӯ падари ман аст. Боре ӯ аз хамгашти кӯча гузашта, бо зани ҳомила рӯ ба рӯ меояд ва чунон як нигоҳ мекунад, ки занро ҳамон лаҳза дард мегирад. Ман ин воқеаро дар повести «Ду ёр аз ду диёр» тасвир кардаам.

Вай хандид, табассуми ширину гуворо дошт. Он рӯз маро бо тарзи кор шинос кард.

– Агар бо ман кор карданӣ бошед, – ниҳоят гуфт вай, – аз гапу рафторам наранҷед. Синни ман ба ҷое расидааст асабҳоям хеле суст шудаанд. Баъзан гапи пасту баланд занам, қаҳратон наояд. Агар мани пирамардро азоб надода, гуфтаамро иҷро кунед, савоб мешавад.

Рӯзи дигар ба кор шурӯъ кардем. Вазифаи котиб аз хондани матни русӣ иборат буд. Вай бодиққат ба хониши ман гӯш медоду сипас ба тоҷикӣ мегардонд ва бо овози баланд ҷумларо мегуфт. Баъди навишта шудан, ман ҷумларо мехондам. Ӯ мешунавиду боз таҳрир мекард. Ба ҷойи як калима калимаи дигар меёфт. Кӯшиш мекард, ки ҷумлаҳо равон хонда шаванд, забон дар ягон ҷойи матн «дакка» нахӯрад.

Ин кор хеле заҳматталаб буд. Бо вуҷуди пирӣ заррае ба худ ва кори тарҷумонӣ бемасъулият набуд.

Солҳои 70-ум Ҳасан Ирфон асари сегонаи М. Горкийро аз сари нав ба чоп омода месохт. Ин асарҳо соли 1933 ба тоҷикӣ тарҷума шуда буданд. Аз байн қариб 40 сол сипарӣ шуд ва он ба таҳрири нав эҳтиёҷ дошт. Дар Душанбе кадоме аз кормандони нашриёт хостааст, ки ин корро ба сомон расонад, аммо аз ӯҳдааш набаромадааст ва маъмурият маҷбур шудааст, ки барои иҷрои ин вазифаи бомасъулият ба худи тарҷумон дубора муроҷиат кунад.

Он солҳо дар рӯйи мизи кории мо асар ба ҳар ду забон – русӣ ва тоҷикӣ меистод. «Луғати русӣ-тоҷикӣ», «Фарҳанги забони тоҷикӣ», луғати тафсирии чорҷилдаи Ожегов, Дал, Бордударов, қомусҳои зиёди соҳавӣ ва ғайра дар ихтиёри ман буданд. Ҳасан Ирфон аҳён-аҳён аз онҳо истифода мебурд. Ҳофизаи қавӣ дошт. Аксари калима, ибораҳои душвор ва ҳатто мақолҳоро бе ёрии фарҳанг тарҷума мекард. Ҷумлаҳои М. Горкий мураккаб, пурмаъно буданд, адиб услуби хоси навиштро дошт. Ҳасан Ирфон аз онҳо завқ бурда, барои хубтар баромадани тарҷумаи тоҷикӣ кӯшиш менамуд.

Баъзан аз луғати русӣ-тоҷикӣ калимаҳои даркориро намеёфтем ё дар тарҷумаи калимаҳо роҳ ёфтани ғалатҳо ва нодуруст маънидод кардани калимаро дида, ҳайрон мешудем. Дар луғатномае, ки устод дошт, даҳҳо, садҳо калима дастӣ навишта, маънои дурусти онҳо қайд шуда буд.

Бидуни муболиға, мутарҷим қариб ҷойи тамоми калимаҳоро дар луғат медонист ва тарҷумаашонро пешакӣ мегуфт. Нодуруст талқин ёфтани ин ё он калимаро дида, хеле асабӣ мешуд. Ин буд, ки гоҳо барои дуруст фаҳмидани мазмуни ин ё он калима даҳҳо китобро варақ мезадем. Агар ба мақсад мувофиқ нашавад, ҳамроҳ ё худ ба Донишгоҳи давлатии Самарқанд рафта, аз муаллимон пурсуҷӯ менамуд.

–Бачаҷони бобо, – мегуфт вай. – Агар мо ба кори тарҷумонӣ эҷодкорона рафтор накунем, он ба шири қаймоқаш гирифта монанд мешавад. Хонандаи закӣ тарҷумонро лаънат мекунад. Аз ин рӯ, мо бояд матнро ҳамон тавр аз русӣ ба тоҷикӣ гардонем, ки хонанда онро ҳамчун китобе, ки ба забони тоҷикӣ эҷод шудааст, қабул намояд. Чанде пеш аз нависандаи қазоқ Собит Муқанов нома гирифтам. Вай барои тарҷумаи китобаш, ки «Мактаби ҳаёт» ном дорад, сипосгузорӣ карда, ба кори хоксоронаи камина баҳои баланд додааст. Ман инро барои таърифи худ намегӯям. Охир забони тоҷикии мо яке аз забонҳои қадима, ғанӣ, ширину гӯшнавози дунёст. Агар мо соҳиби ҳамин гуна сарвати бебаҳо бошему боз китобҳоро хому хатал тарҷума кунем, пас мо кӣ ҳастем? Ин гуноҳи моро хонандаи тоҷик ҳаргиз намебахшад.

## «САЁҲАТ»-И МАҶБУРӢ БА СИБИР

Мо бештар ду кас кор мекардем. Агар ман то пешин бо Ҳасан Ирфон ҳамроҳ бошам, баъди пешин шарикам меомад. Баъзан хоҳарам Кибриё низ ёрӣ медод.

Мо ҳамеша бо тарҷума банд набудем. Баъзан ғарқи суҳбати ширин шавем, тарҷума як сӯ мемонд. Ӯ зимни кор аз ҳаёти талхи худ лавҳаҳои аҷоибу ғароибро нақл мекард. Зиндагии ӯ мисли қаҳрамонони асарҳои «Модар», «Дар байни мардум»-и М. Горкий вазнину тоқатфарсо гузаштааст. Онро ҳангоми мутолиа аз китоби худи ӯ «Дар кулбаи косибон» низ фаҳмидан мумкин аст.

Аввалҳо ӯ дар бораи вазъи сиёсии мамлакат эҳтиёткорона сухан меронд. Вақте ки ӯ радиои Лондонро мешунавид, ҳаракат мекард, ки мо воқиф нагардем. Ин кор дер тӯл накашид. Вақтҳои охир мо ҳамчун бобову набера бо ҳам наздик шуда будем. Гоҳо рози дилашро ба ман мегуфт. Баъзан моро ба шунидани бахши форсии радиои хориҷӣ таклиф менамуд. Чизеро, ки гӯянда мехонду мо намефаҳмидем, маънидод мекард. Он солҳо дар олами адабиёт номи адиби рус Александр Солженитсин вирди забонҳо буд. Ин нависандаи номдорро барои чанд асараш аз Ватан ронда буданд.

Ҳамон солҳо маҳз аз Ҳасан Ирфон дар бораи адибони ҳақгӯй ва ҳақнавис чун Солженитсин, Борис Постернак, Усмон Носир шунида будем, ки акнун дар бораи онҳо матбуоти даврӣ бисёр менависад.

Баъзе лаҳзаҳои айёми бачагӣ, саводомӯзӣ ва фаъолияти меҳнатии ӯ дар китоби «Ду ёр аз ду диёр» ва «Дар кулбаи косибон» бо маҳорати баланд тасвир ёфтаанд. Вале бисёр саҳифаҳои ҳаёти ӯ нонавишта монд. Вай қисмати дуюми романи худро навиштан мехост. Аз он бо хотири мушавваш баъзе пораҳоро ба мо нақл менамуд.

Солҳои 1937-1938 дар Самарқанд беасосу бегуноҳ шахсони бомаърифату фозилро ба ҳабс гирифтаанд. Ҳасан Ирфон низ аз он таъқибҳо эмин намонд. Боре нисфи шаб дари ҳавлии вай тақ-тақ шуд.

(Давомаш дар саҳ.4).

# ҶОРАБИНИҲОИ МАЪНАВИЮ МАЪРИФАТӢ МАРДУМРО ШОД НАМУД

**_Як гурӯҳ ҳунармандони театр ва кинои мамлакат аз шаҳри Тошканд ба вилояти Фарғона ташриф оварданд ва дар шаҳру ноҳияҳои вилоят бо мардум вохӯрданд. Онҳо оид ба кору фаъолияти худ маълумот ироа намуда, чанд филми ҳунариро низ намоиш доданд._**



Ин чорабиниҳо, ки бо ташаббуси ҳокимияти вилоят, Маркази маънавият ва маърифат, Агентии кинематография ва дар ҳамкорӣ бо тарғиботчиёни ҷамъияти «Маърифат» бар асоси лоиҳаи хоси «Кинокорвон» сурат гирифт, таҳти шиори «Агар муттаҳид шавем, халқи ягонаем, агар куллан иттиҳод бандем, Ватанро ташкил мекунем!» ба вуқӯъ пайваст.

Яке аз ин мулоқотҳои ҷолибу хотирмон дар ноҳияи Сӯх баргузор гардид. Нишастгоҳҳои толори Хонаи маданияти деҳкадаи Ҳушёр ҳамон рӯз аз мардум пур шуд. Онҳо суханрониҳои актрисаи синамо Илмира Раҳимҷонова, киноактёр ва оҳангсоз Алӣ Ниёзамбетовро хеле хуб пазироӣ ва бо кафкӯбиҳо истиқбол гирифтанд.

– Миллати ман тоҷик аст ва дар деҳаи Бурҷимуллои ноҳияи Бӯстонлиқи вилояти Тошканд дида ба дунё кушодаам. Албатта, аксарияти шумо маро аз тамошои сериёли «Чархпалак» мешиносед. Он вақт ҳанӯз духтари хона будам ва издивоҷ нокарда дар ин филм нақши Марям – лӯлидухтарро бозидам. Баъд дар филмҳои зиёд нақшҳои гуногунро офаридам, – гуфт ӯ.

Вай афзуд, ки духтарони Сӯх низ метавонанд ба касби актёрӣ шавқу завқ зоҳир кунанд ва мисли ӯ, ки дар деҳа таваллуд шудаву ба камол расидааст, дар донишгоҳу коллеҷҳои санъат таҳсил намуда, дар филму намоишҳо нақшҳои гуногун офаранд. Ба таъкиди ӯ имрӯз дари чунин имкониятҳо ба рӯйи духтарони маҳаллӣ низ боз аст ва дар ин росто Президент Шавкат Мирзиёев ба занону духтарон ғамхории хос зоҳир мекунад.

Дар идома вай аз филми Томирис муколамаеро ба ҳозирон тақдим намуд.

Мулоқотро Алӣ Ниёзамбетови қароқалпоқ, ки ҳам ҳунари актёрӣ ва ҳам ҳунари бастакориву сарояндагӣ дошт, боз ҳам бештар пуршавқу шӯр намуд. Вай ҳатто чанд суруди тоҷикӣ сароид ва мардумро ба рақс даъват кард.

– Имрӯз бори нахуст як сурудеро ба самъи шумо мерасонам, ки «Азизам» ном дорад ва шунавандагони аввалини он мардуми Ҳушёр аст! – гуфт бо тантана.

Дар лоиҳа инчунин артистони хидматнишондодаи Ӯзбекистон Эгамбердӣ Раҳимов ва Шоҳида Узоқова, киноактёрон Фирӯза Саидова, Шоҳрух Ҳамдамов, Раъно Шомирзоева, Шавкат Комилов, Хуршед Тӯхтаев ва чанд нафар адибон, олимону синамошиносон низ ташриф оварданд ва дидору мулоқотҳои онҳо дар зеҳни мардум таассуроти хуб боқӣ гузошт.

**Илҳомҷон АБДУМАҶИДОВ,**
**ноиби ҳокими ноҳияи Сӯх оид ба сиёсати ҷавонон, рушди иҷтимоӣ ва корҳои маънавию маърифатӣ.**

**_Кайҳо боз Матлуба Дадабоева орзу дошт, ки бинобар даъвати дӯстони даври мактабиаш ба Варзик равад, вале ин орзуи нек иҷро намешуд, зеро ӯ бо баромадҳои саҳнавӣ, дарс дар Донишкадаи маданияти Тошканд, ташвишҳои рӯзгор ва ғайра банд буд. Вақт намерасид. Ниҳоят он фурсати деринтизор фаро расид._**

# АФСУНИ ҲУНАРИ САРОЯНДА

Толори қасри фарҳанги деҳаи Варзик ва роҳрави байни қатори курсиҳо аз меҳмонону тамошобинон пур шуданд. Ростистодагон ҳам кам набуданд. Аён буд, ки на танҳо дӯстони овони ҷавониаш, балки тамоми варзикиён ҳамдиёри номии худ, мақомсарои беҳамторо ёд кардаанд.

Барномаи консертии Ҳунарпешаи халқии Ӯзбекистон ва Тоҷикистон, барандаи ҷоизаи Гран-при «Таронаҳои Шарқ» Матлуба Дадабоеваро роҳбари Маркази санъати мақоми миллии ӯзбек, номзади илми санъатшиносӣ, профессор Соҳибҷон Бегматов боз намуда, дар бораи фаъолияти сарояндагии Матлуба ва ҷойгоҳи ӯ дар санъати миллӣ изҳори ақида намуд. Ҳофизи халқии Ӯзбекистон Исроилҷон Ваҳҳобов оид ба хусусиятҳои хоси маҳорати овозхонӣ ва хислатҳои неку инсонии ҳунарпеша ҳикоя кард. Ӯ гуфт, ки санъаткор на фақат дар Ӯзбекистон, инчунин дар Тоҷикистону Қирғизистони ҳамсоя низ машҳур аст.

Зодаи Варзик, омӯзгори собиқадори забон ва адабиёти тоҷик, муаллимаи эҷодкор аз вилояти Сурхондарё Иноятҷон Ҷӯраева нақл кард, ки ӯ ба зодгоҳаш ба дидорбинӣ бо хешовандону дӯстон, ба муносибати Рӯзи хотира ва қадр, зиёрати қабри гузаштагон, ҳамчунин модари нав вафоткардааш омада буд. Хушбахтона, болои консерти имрӯза баромад. Бо хоҳари калонии Матлуба — Тухфаҷон дугона буда, бо воситаи ӯ бо овозхони номӣ низ чун хоҳаронанд.

Ҳамсинфони ҳунарпеша Қобилҷон Ҳусейнов, Орзугул Салоева ва Сайлибар Мирзоева даври мактабиашонро ба ёд оварда, таъкид намуданд, ки ҳамаи тадбир, нишастҳои таълимгоҳ, дар мошини болокушоде, ки бо он ба пахтачинӣ мерафтанд, дар бошишгоҳҳои саҳроӣ ва монанди инҳоро Матлуба бо овози хушу гуворояш рангину хотирнишин мекард. Онҳо бо чунин дӯсту ҳамсолашон ифтихор мекунанд.

Сароянда чанд суруди тоҷикию ӯзбекӣ ва дуэтҳоро бо ҳамовозии Ҳунарпешаи шоистаи ҷумҳурӣ Аҳмадҷон Дадаев иҷро кард.

– Ҳар сафар ба деҳа оям, онро дигаргун мебинам, – мегӯяд апаи Матлуба. – Кӯчаҳои равону пургулу райҳон, дарахту арчаҳо... Мардум бо хотири ҷамъ аз пайи зиндагӣ ҳастанд. Албатта, ин ба шарофати осойиштагии диёр аст. Он чиз хурсандиовар аст, ки як гурӯҳ ҷавонони бошандаи Варзик дар мактаби санъат ва маданият таҳсил мекардаанд.

Бо иштироки Дадабоева дар мактаби рақами 2-юм низ чорабинии фарҳангӣ баргузор гардид.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Намангон.**

**Шарофхон МИРЗОЕВ.**
**хабарнигори ҷамоатии «Овози тоҷик».**

# «ҲАР ДАМ ҒАНИМАТ АСТ, ОДАМ ҒАНИМАТ АСТ»

*Ҳаёт медаваду меравад, ба аспи ҳаёт,*
*Ҳазор тез давад ҳам намерасад, самолёт.*
**_(Ҳабиб ЮСУФӢ.)_**

Соли 1969 мо – 37 нафар хатмкунандагони мактабҳои тоҷикии вилоятҳои Самарқанд, Бухоро, Фарғона, Сирдарё, Сурхондарё, Қашқадарёро бахти донишҷӯӣ дар факултаи забон ва адабиёти тоҷики Донишкадаи давлатии омӯзгории ба номи Садриддин Айнии шаҳри Самарқанд дар як дарсхона муттаҳид карда буд. Имрӯз бовари кас намеояд, ки ба ин воқеа 55 сол пур шудааст. Мисраъҳои зерини устод Лоиқ моро ба андеша водор мекунанд:

*Умри гузарон хоҳӣ, нахоҳӣ,*
*гузарад,*
*Магзор, ки он ба рӯсиёҳӣ*
*гузарад.*
*Бар подшаҳон ҳасад мабар,*
*эй сода,*
*То ҳар нафасат ба подшоҳӣ*
*гузарад.*

Дӯстӣ сарвати бебаҳост. Шоиреро наметавон пайдо кард, ки дар бораи ин неъмати олии инсонӣ шеъре нагуфта бошад.

Он тухми дӯстӣ, ки дар марзи дили ҳар яки мо он гоҳ неш зада буд, тадриҷан қад боло карда, ҳоло, ба назарам, ба дарахти бузурги меҳру вафо табдил ёфтааст. Имрӯз ин дарахти 55-сола – эҳсосоти ширини дӯстӣ моро водор месозад, ки зуд-зуд ба дидори якдигар бирасем.

Хушбахтона, ба шарофати инсони худогоҳ – дӯст ва бародари беғарази мо Толиб Юнусзода ва аҳли хонадони вай солҳои зиёд аст, ки мулоқоти мо, ҳамдарсони собиқ ҳар сол аввали моҳи май дар Самарқанд, аниқтараш дар хонадони вай – дар маҳаллаи Оқмасҷид сурат мегирад. Вохӯрии имсола низ аввал дар ҳавлии Т.Юнусзода ва пас дар тарабхонаи маҳалла ба амал омад. Табиат қонунҳое дорад, ки он барои шоҳу гадо баробар аст. Баъзан рӯзгор бо воқеаҳои ғайричашмдошт ва тасодуфҳои худ хоҳнохоҳ ба ҷараёни кор, нақшаю тадбирҳо таъсир мерасонад. Бояд гуфт, ки ин ҳолат ба ҷараёни вохӯрии анъанавии мо низ бетаъсир намонд. Дар натиҷа чанде аз рафиқон, ки рӯзи дидорро интизорӣ мекашиданд, бо сабабҳои гуногун омада натавонистанд. Ҳарчанд ҷойи онҳо холӣ монд, ба ҳар ҳол суҳбати дӯстон хотирмон гузашт. Чун одат дар оғози ҷамъомад устодон ва ҳамсабақоне, ки имрӯз байни мо нестанд, ба ёд оварда шуданд. Сипас иштирокдорон таклифи Юнусзодаро бобати тартиби сухангӯйӣ: нақли хотираи шавқоваре ва қироати шеъри дилкаше ҷонибдорӣ карданд.

*Дар замири мо намегунҷад ба*
*ғайр аз дӯст кас,*
*Ҳар ду оламро ба душман деҳ,*
*ки моро дӯст бас,*

фармудааст Ҳофизи Шерозӣ.

Соли гузашта ҳамдарси собиқамон Тоҳир Зокиров, ки сарояндаи хубест, модари 102-солаашонро ба хок супурд ва бинобар ин натавонист дар нишаст иштирок кунад. Вай имсол баҳри дилкаш ва хотирмон гузаштани тадбир саҳми арзанда гузошт. Сурудҳоро ба матни шеъру ғазалҳои шоирон Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Нақибхон Туғрал, Мирзо Турсунзода ва дигарон басо хуб иҷро кард.

Ҳамсабақамон аз ноҳияи Деҳқонободи вилояти Қашқадарё Ҷалол Атозода ним аср аз назари ҳамкурсон дур монда буд. «Кӯҳ ба кӯҳ намерасад, одам ба одам мерасад» гуфтани мардум беҳуда набудааст. Вай ниҳоят аз вохӯриҳои чандинсолаи мо хабар ёфта, ду сол боз ба давра бо ҳамсараш аз ҳама пеш омада, табъи дӯстонро хуш менамояд. Аён гардид, ки яке аз набераҳои онҳо донишҷӯйи Донишгоҳи давлатии Самарқанд будааст. Суханони самимии ҳамсабақони айёми ҷавонӣ Раҳмон Ҳасанов, Раҳматҷон Маҳсудов, Маҳбуба Ӯлмасова, Малоҳат Муҳаммадова, Раҳима Давронова, Холида Муҳаммадқулова, Мақсуда Холматова ва дигаронро метавон меҳрномаи дӯстон гуфт. Боиси хурсандист, ки дар вохӯриҳои мо ҳамсари бовафо ва фарзандони дӯсти зиндаёдамон Аброр Аҳроров пайваста иштирок намуда, арвоҳи ҳамсар ва падарашонро шод мегардонанд. Барои хуш гузаштани давра ҳофизи самарқандӣ Юнусҷон низ бо мо буд. Самарқанди бостонӣ ҳамеша пурҷозиба ва дилкашу зебост. Дар баҳор вай боз ҳам сарсабзу хуррам мегардад. Зотан накӯкорӣ, дуогӯӣ ва шукронагӣ анъанаи мардуми мост. Аз ин рӯ, меҳмонону мизбонони давраи мо низ ба ин нукта амал карданд.

Боз овози дилкаши, ака Тоҳир танин андохт. Вай ин дафъа бо суруде бар матни устод Лоиқ ба нишасти мо ҳусни хотима бахшид:

*Ёрон, ба каф пиёлаву дар дил*
*ғубор чист?*
*Имрӯз ҳам гузашт, ғами рӯзгор*
*чист?*
*Охир, дигар чӣ ҳоҷати панду*
*насиҳат аст,*
*Ҳар дам ғанимат аст, одам*
*ғанимат аст...*

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

*Зикри хайр*

# НЕКНОМУ ЗИНДАЁД



Сурўше ба гўши ақл нидо мекунад, ки: Абдулло буду ҳаст, бо мост ва баъди мо ҳам хоҳад буд, 70 сол барои ў умр не, лаҳзае аз ҳаёти ҷовидони ўст. Ў баъди мо низ солиёни зиёд носипосони лафзи модариро:

*Касе к-аз лафзи модар рўй тобад,*
*Дигар аз ў чӣ мехоҳӣ ту виҷдон.*
*Надорад ҳар кӣ лафзи модараш дўст,*
*Чӣ сон онро ту мегўӣ баимон.*

гўён нафрину мазаммат мекунаду чун мураббии варзида ба ҷавонон панд медиҳад, ки:

*Дар рўйи ҷаҳон ҷаҳони худ бояд дошт,*
*Дар кавну макон макони худ бояд дошт.*
*Бо номи падар хатост сарафрозӣ,*
*Як номи баланд аз они худ бояд дошт.*

Ў ба зиндагонии ҷовидона эътиқоди қавӣ дошт магар, ки дар ҳаққи устоди зиндаёдаш Лоиқи бузургвор гуфта буд:

*Бошад ҳама ҷо вирди забон ашъорат,*
*Аз зиндаи мо мурдаи ту зиндатар аст.*

Зотан, зиндагӣ кардан саҳл асту зинда мондан ҳунар. Ва ин ҳунари волоро офаридгор на ба ҳар кас муносиб медонад. Яке аз бузургмардони олами маънӣ Б. Франклин гуфта буд: «Агар хоҳӣ умри дубора ёбӣ, ё чизе навис, ки қобили хондан бошад, ё коре бикун, ки лоиқи навиштан».

Аз ин лиҳоз номи Абдуллоро метавон дар радифи номи хушбахттарин инсонҳое гузошт, ки омаданашон рафтание надорад. Ў аз худ навиштаҳое боқӣ гузошта, ки қобили хондану омўзиш ва азбаркуниву ба он амал карданҳост. Зиндагиномаву кору пайкораш лоиқи навиштану шоистаи чун оинаи ибрат ба ояндагон вогузоштан аст.

Бале, ў сарбаландона тавонист дар умри кўтоҳи ҷисмониаш бо чакомаҳои воломазмуну миллатпарварона, бо хитобаву фарёдҳои дардолуди дар либоси ҳарири шеър печидаи бедоркунандаи ғофилон, бо шеъри ноби хешташиносона, бо байту ғазалҳои ошиқона, нидои оташбори ҳушдордиҳанда ба носипосони лафзи модарӣ умри хешро бақои ҷовидона бахшад.

Ўро ҳанўз аз айёми парвоз дар фазои орзуҳои ширини наврасиаш мешинохтам. Бо хоҳиши падари фарзонааш ўро ба даргоҳи Донишгоҳи давлатии Самарқанд роҳбаладӣ кардаам. Солҳои аввали донишҷўияш дар як утоқи иҷоравӣ якҷоя зистаем. Бо амру супориши падараш назорати хондану «шишту хези» донишҷўияш бар дўши ман буд. Аввалин шунавандаву хонандаи мисраъҳои шогирдонааш ҳам ман будаам. Ўро ба устоди зиндаёдаш Лоиқи бузург ман шиносондаам. Дафтари машқи шеърҳояшро барои изҳори назар ба Лоиқ ман пешкаш кардаам. (Худ аз хоксориву фурутанӣ ин корро раво намедид. Мегуфт: ҳанўз чизе нанавиштаам, ки лоиқи назари устод бошад).

Зеҳни қобил, доираи васеи фаҳмиш дошт. Аз дарсу машғулиятҳо дер намемонд. Ў боадабона ба ман гўш медод, дар зоҳир гўё ба гуфтаҳои ман амал мекард. Дертар фаҳмидам, ки бино ба ақлу фикри хеш амал мекунад. Фанҳои таълимиро барои худ гурўҳбандӣ ва тасниф карда буд: фанҳои дараҷаи аввал, фанҳои иловагӣ ва фанҳои нолозим. Ба ҳар гурўҳи ин фанҳо муносибати худро дошт.

Дар маҳфилҳои адабӣ, шабнишиниву чорабиниҳои маърифатӣ хеле фаъол ва гули сари сабади чунин ҳамоишҳо буд. Вақти беши худро ба мутолиа сарф мекард. Мутолиааш одӣ набуд. Ҳар чизи хондаашро бо таҳаммул аз ғалбери муқоисаву таҳлил дақиқона мегузаронд. Солҳое, ки мо ҳамхона будем, чанд китобе дошт, ки ҳар рўз соатҳо варақ мезад. Китобҳои «Фарҳанги забони тоҷикӣ», «Тоҷикон»-и Б.Ғафуров, «Бадоеъ-ус-саноеъ»-и Атоуллои Ҳусайнӣ, «Санъати сухан»-и Т. Зеҳнӣ аз таъсири варақгардониҳо хеле фарсуда шуда буданд. Дарсҳои устодонаш С. Ҳалимов, Б. Валихўҷаев, Ҳ. Далилиро бо гўши ҷон мешунид, бо тамоми вуҷудаш аз бар мекард. Вақти беши худро дар шуъбаи дастхатҳои донишгоҳ мегузаронд ва он ҷо доиман бо донишманди ин соҳа Пўлодӣ дар мулоқот буд.

Хушсурату хушахлоқ, ки буд, дар атрофаш нозанинҳои зиёде парвона буданд. Аммо ҳеч якеро ба «содадилбари деҳоти»-яш баробар намедонист. Ошиқи содиқе буд.

Ў на танҳо шоири шеърофарин, балки шоири шоирофар ҳам буд. Гўям, ки аз Зебуннисову Саодат, Розияву Маъсума, Масъуд ва чанде дигарон маҳз ў шоир сохт, аз доираи ҳақиқат берун нахоҳад буд. Худ гувоҳам, ки чакидаҳои рангини хомаи Сулаймону Холбой, Муҳаммадҷону Абдулваҳҳоб бо маслиҳатҳои муфиду кўмаки бародаронаи ў суфтатару хонданибоб мегаштанд...

Муаллим буд. Ба ин ном лоиқ. Хирадманду заковатманд. Фидоӣ, дўстдору волаи ин пеша, навҷўву нововар. Шахсияташ намунаи волое барои шогирдон. Ҳар як дарсаш асари шавқовару мукаммале буд барои толибилмон. Тавониста, ки дар мазраи қалби кўчаки эшон ниҳоли сифоти одамиву одамгариро рўёнад ва нумўъ бахшад...

Шахсияти аҷиб ва нотакроре буд. Фаъол, ҷасуру далер, дарди ҷомеаро дарди худ медонист, лоқайдиву бепарвоӣ барояш бегона буд. Лоқайдонро намеписандид, дурўягон душмани ҷонаш буданд. Гуфтору кирдораш тавъам буд.

... Соли 2013 бо сабабҳои номаълум дар мактабҳо таълим ба забони тоҷикӣ маҳдуд карда шуд. Бархе инро чун амри воқеъ қабул кунанд, баъзеҳо ин кор ба мо дахл надорад гўён лоқайдӣ зоҳир мекарданд ва ҳатто буданд нафароне, ки ин амали ношоистаро дастгирӣ мекарданд ва миннатпазирии хешро назди ташкилотҳои боло беҷуръатона баён менамуданд.

Ин барои Абдулло Раҳмон фоҷиа буд. Фоҷиаи тоқатфарсо ва сангин. Ў сабабҳои аслии рўйдоди ин фоҷиаи нангинро хуб дарк карда буду бисёр ҳушёрона ва дақиқан дар доираи ҳуқуқи шаҳрвандӣ амал мекард. Боре ба яке аз наздиконаш таъин кардам, ки Абдулло ба ман занг занад. Баъди як рўз занг заду бо саросемагӣ пурсид, ки ин бегоҳ тўй меравед?

Дар ҷавоб не, ман рафта наметавонам, гуфтам. Мебахшед, гуфту зуд телефонашро хомўш кард.

Бегоҳӣ дар торикии шаб аз дарвоза даромада омад. Сари як пиёла чой суҳбатамон қўр гирифт. Албатта, мавзўи асосии суҳбат ҳамон баста шудани синфҳои тоҷикӣ буд. Ҳис мекунам, ки, – гуфт ошуфтаҳолона, – телефонамро гўш мекунанд. «Ин бегоҳ тўй меравед?» гуфтанам, «ин бегоҳ дар хона мешавед?» гуфтанам буд, ки зуд фаҳмидед.

Оре, вазъияти ҳозира касро ба ҳушёр шудан водор месозад, – гуфтам дар ҷавоб. Ин кор гўё мутобиқи таклифи падару модарон шудаасту чизе гўед, шумо ҳуқуқи шаҳрвандии онҳоро «поймол» мекунед. Дардатонро ба кӣ гуфтанатонро намедонед ва бо афсўс илова кардам, ки аз ҷое садое нест. Аҳён-аҳён арзномаҳое, ки ҳамзабононамон ба ташкилотҳои болоӣ мефиристанд, бештар ба мактубҳои шикоятӣ шабоҳат доранд. Шахси алоҳидаеро гунаҳгор донista, дар арзномаҳояшон ба ҷойи талаби қатъии ҳалли масъала чанд саҳифаро аз гуноҳу камбудиҳои ў пур мекунанд, гўё бо аз кор рафтан ё ҷазо гирифтани ў масъала ҳал мешаваду дар мактабҳо таълим ба забони модарӣ барқарор мегардад.

Абдулло аз ҷайбаш чанд варақ баровarda ба ман дароз кард. Навиштаҳои маро ҳам хонед, фикре доред, илова кунед, – гуфт.

Навиштаҳои ў бисёр пухта, нишонрас, саршори иқтибосҳо аз сарқонуну дигар зерқонунҳои амалкунанда, аз ҳуҷҷатҳои байналхалқӣ оиди ҳуқуқи башар буду дар назди ташкилотҳои муроҷиатшаванда чунон саволгузорӣ шуда буд, ки илоҷи ба он ҷавоби мусбӣ надодан набуд. Ўро табрик намуда гуфтам, ки акнун роҳи ҳалли мушкилот кушода хоҳад шуд.

Ҳангоми гусел пурсидам, ки пиёда ҳастед? Не, мошинам дар сари роҳи калон, телефонам дар мошин гуфту табассуми маънидоре карду рафт.

Ў бо заковату хирадмандии ба худ хос ва бо ақли тадбирсоз дар атрофаш мардони ҷасуру якрў ва сарсупурдагони забони миллат, аз ҷумла, рўзноманигори барўманд Турдиқули Ҳасрат, омўзгорони варзида Нарзуллои Муродулло, Иноят Ҷўраева, Сайрам Раҳмонова, сухандони моҳир Саидмурод Ҳаев, ҳисобдори фозил Тоштемир Мерганов, табиби ҳозиқ Ҳазратқул Ашрапов ва чанде дигаронро гирд овард, барномаву тадбироти ин амалиётро дақиқона тарҳрезӣ кард ва назди ташкилотҳои дахлдори давлативу ҳукуматӣ талабҳои қатъӣ гузошта, ба аз нав кушодашавии дари синфҳои тоҷикӣ мушарраф гардид.

Ба пиндорам дари хотираҳо васеъ боз шуду барои навиштани он ба ибораи Саъдӣ «Як умри ҳазорсола бояд, То ман яке аз ҳазор гўям».

Ҳамин қадар кифоя аст, таъкид кунам, ки Абдулло инсоне буд некному соҳиби умри дубора ва дар зиндагӣ ба мурод расида.

*Он чӣ мақсуди одамизод аст,*
*Номи пок асту он дигар бод аст.*

**Давлатбой МАХМУДОВ,**
*ноҳияи Сариосиёи*
*вилояти Сурхондарё.*

*Дар нигористон*

## САМАРҚАНД – ШАҲРИ ИЛҲОМБАХШ

***Дар нигористони шуъбаи вилоятии Иттифоқи рассомони Ўзбекистон намоиши асарҳои мусаввирони собиқ ҳамватанони мо, ки ҳоло дар кишварҳои хориҷӣ умр ба сар мебаранд, баргузор гардид. Дар он аз эҷодиёти 10 нафар устодони санъати тасвирӣ намунаҳо гузошта шуд.***



– Ман дар Шаҳрисабз таваллуд ёфта, ҳоло дар пойтахти Русия умр ба сар мебарам, – барафзуд рассом Ирина Коваленко. – Дар мағзи кўҳсор – деҳаи Ғелон – табиатан ниҳоят зебо, дилнишин ва пурҷозиба аст. Чанд асари ман ба ин гўшаи нотакрору мафтункор бахшида шудааст, ки чанде аз онҳо ба ҳукми мухлисони самарқандӣ ҳавола гардид. Бинобар ин дил боз сўйи Ватан майл дорад.

Инчунин, мусаввирони шаҳру вилоятҳои Русия таъкид намуданд, ки Самарқанд шаҳри илҳомбахш аст ва ёдгориҳои таърихии он чун Регистон, мақбараи Амир Темур, маҷмўаи асрромези Шоҳизинда, Бибихонум, осорхонаи Мирзо Улуғбек ва ғайра ба кас илҳом мебахшад, ки бо расмкашӣ машғул шавад.

Сипас мусаввирон бо амалҳои рассомони ҷавон шинос шуда, барои сайқал ёфтани истеъдоди насли наврас дарси маҳорат гузаштанд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд.**
**Аксбардор: Б. ЗОҲИР.**

**БА ИФТИХОРИ 90-СОЛАГИИ ЎЛМАС ҶАМОЛ**

# БУЛБУЛИ БОҒИ ДЎСТӢ

*Ўзбекистон ўғлидурман, тожигим гуфто писар,*
*Рост гўям, ҳар кадоме севгилимдур жон қадар,*
*Она деб айтсам бировин, ул бири менга падар,*
*Ҳамчу ду чашми сиёҳам икки халқ ҳам муътабар,*
*Меҳру ёдаш дар вуҷудам – порлагай шамсу қамар.*



Муаллифи ин сатрҳо Журналисти шоистаи Тоҷикистон, адиби номдори адабиёти ўзбек ва тоҷик Ўлмас Ҷамол, ки ҳамчун «булбули ду чаман», «пайвандгари адабиёти тоҷику ўзбек» шинохта шудааст, агар дар қайди ҳаёт мебуд, ба синни мубораки 90 мерасид.

Ўлмас Ҷамол 17-уми майи соли 1934 дар ноҳияи Ургути вилояти Самарқанд ба дунё омадааст. Мактаби миёнаро солҳои 1946-1956 аввал ду сол дар Ургут, сипас дар Душанбе давом додааст. Пас дар факултети таърих ва филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон таҳсил гирифтааст. Солҳои 1961-1963 дар шаҳри Регар (ҳоло Турсунзода) фаъолияти омўзгорӣ ва педагогии худро оғоз намуда, минбаъд дар шуъбаи ўзбекии радио ва телевизиони Тоҷикистон меҳнат кард. Аз соли 1963 дар рўзномаи ўзбекии «Халқ овози» (собиқ «Совет Тожикистони») фаъолияти меҳнатию эҷодии худро идома дод.

Маҷмўаи нахустини ў бо номи «Меҳр булоғи» («Чашмаи меҳр») дар биступанҷсолагии Ўлмас Ҷамол чоп шуд. Пас аз он зиёда аз бист маҷмўаи ў дар нашриётҳои Душанбе ва Тошканд чоп шуданд. Дар арафаи 70-солагии адиб девони ў бо номи «Сурур», ба муносибати 75-солагӣ девони «Масрур», сипас девони «Манзур» ва ба истиқболи 80-солагӣ девони чаҳоруми ў бо номи «Маъмур» чоп шуд.

Ўлмас Ҷамол барои аз нав эҳё намудани жанри ғазал дар адабиёти ўзбек саҳмгузор гашт. Зиёда аз 100 ғазали шоир аз ҷониби ҳофизони машҳури Тоҷикистон ва Ўзбекистон ба оҳанг даровarda шудааст, ки дўстдорони санъат бо меҳр қабул кардаанд.

Ўлмас Ҷамол, ки бо шеърҳои худ ба дили мардум ҷой гирифта буд, 27-уми июни соли 2017 дар синни 83-солагӣ дар шаҳри Душанбе аз дунё гузашт. 17-уми майи соли ҷорӣ 90-солагии ин адиби номдор, булбули боғи дўстӣ дар зодгоҳаш – ноҳияи Ургут бо тантана ҷашн гирифта шуд.

Чанд ғазали шоирро аз забони ўзбекӣ ба тоҷикӣ тарҷума намуда, ҳамчун барги сабз пешкаши муштариён менамоем. Руҳи адиб шод шавад!

### ҚАСАМ БО НОМИ ТУ

*Ҳама буду набудам бо ту пайванд,*
*Ба азми зиндагӣ фахрам Худованд.*

*Қасам бо номи ту то зинда ҳастам,*
*Дилу ҷонам шавад бо зикри ту банд.*

*Мурод аз зиндагӣ, бар халқи озод*
*Шавам дар асл ман фарзанди дилбанд.*

*Набинад ҳеч кас аз ман бадиро,*
*Бадиҳо дидаам бисёр ҳарчанд.*

*Бикардам шукрҳо аз меҳнати худ*
*Хурам гар нони хушке, мешавад қанд.*

*Туро шодон бубинам ҳамзамонам*
*Аҷаб, Ўлмас бибахшояд шакарханд.*

### МУНОФИҚ

*Ту аз зоти мунофиқ дар ҳазар бош,*
*Ба сўят ояд он сарфи назар бош.*

*Ба роҳат рў ба рў ояд замоне,*
*Бипўшон чашму аз сўйе гузар бош.*

*Худо нокардаю гардӣ мусоҳиб,*
*Ҷадал бинмою бар азми сафар бош.*

*Ту сирри худ, бидон, арзон фурўшӣ,*
*Чу суҳбат дорӣ бо кас мухтасар бош.*

*Зи тахти нохунат чирке биҷўяд,*
*Забонашро бигардон безарар бош.*

*Ба нафъи хештан дунё биёлуд,*
*Зи аъмоли разилаш бохабар бош.*

*Мунофиқ турнаҳо ҳар рўз сад ранг,*
*Ту машнав ҳарфашон, беболу пар бош!*

Аз ўзбекӣ тарҷумаи
**Асадуллоҳ ИСМОИЛЗОДА**

# ДУОИ «БАД»-И УСТОД

(Аввалаш дар саҳ.3).

– Кӣ? – пурсид соҳибхона.

– Ман, – овоз дод касе, – аз милисахона ҳастам, ба шумо кор дорам.

– Пагоҳӣ биёед, – гуфт Ҳасан Ирфон.

– Не, ҳозир ба шумо гапи зарур дорем, – қатъӣ талаб намуд нозири ноҳия. – Як дақиқа вақтатонро мегирем.

Соҳибхона ноилоҷ дарро кушод. Чор кас якбора ба ў дарафтода, дасташро ба ақиб тоб дода бастанд ва ба фойтун шинонда сўи НКВД бурданд.

– Барои чӣ маро ба ин ҷо овардед? – бо хашму ғазаб пурсид вай.

– Гўё худат намедонӣ, – писханд зад марди рус, ки вазифаи муфаттиширо ба ўҳда дошт. – Агар ба гуноҳат иқрор шавӣ, ҳозир ҷавоб медиҳем.

– Ба кадом гуноҳам иқрор шавам? – ҳайрон шуд ў.

– Ба марди бомаърифату фозил монанд ҳастию боз худро ба гўлӣ мезанӣ? – муфаттиш гўё мазоҳ мекарда бошад, даҳонашро инҷ намуд. – Биё, ба мақсад гузарему якдигарро азоб надиҳем.

Ҳасан Ирфон бо тааҷҷуб ба муфаттиш чашм дўхт. Вай ба марди барзангӣ, ки қиёфаи маккоронае дошт, чӣ гуфтанашро намедонист.

– Бародар гап ҳамин, – ниҳоят ба мақсад гузашт муфаттиш. – Ту кай боз ба Эрон маълумот мефиристӣ? Дар корҳои ҷосусӣ боз киҳо кумак мекунанд?

– Чӣ? – аз ҳайрат дасту по гум кард Ҳасан Ирфон. – Ман ҷосуси Эрон ҳастам?! Аз тўҳмат кардан наметарсед?

Пурсишу истинтоқ қариб 8 соат идома ёфт. Ҳамин, ки муфаттиш «маълумот»-ҳои дилхоҳашро гирифта натавонист, ўро ба утоқи хурдакаке, ки ҳатто илоҷи нишастан набуд, ҳабс карданд. Ин гуна пурсуҷў 16 шабонарўз давом кард. Ҳамин, ки Ҳасан Ирфон аз ҳол рафта меафтид, бо занҷир ё қундоқи милтиқ зада, боз ба по рост мекарданд. Муфаттишон ҷон мекоҳонданд, ки гуноҳеро ба ў часпонда, маҳбус созанд.

– Бо Садриддин Айнӣ ҷаро ба Тошканд рафтӣ? – ниҳоят пурсид муфаттиш.

– Барои коғаз рафта будем.

Он солҳо барои нашри рўзномаи «Овози тоҷик» дар матбааи Самарқанд коғаз набуд.

– Ҷаро дар роҳ бо вакилони Афғонистон ҳамсуҳбат шудӣ?

– Аввал ин, ки поезд дар роҳ монд, – фаҳмондан хост Ҳасан Ирфон. – Дуввум ин, ки сафири Афғонистон устодро мешинохтааст.

– Садриддин Айнӣ ҳам бо Эрон ҳамкорӣ мекунад? – пурсишро давом дод муфаттиш.

– Инро аз худи ў пурсед, – қаҳраш омада гуфт Ҳасан Ирфон.

Ўро 2 солу 8 моҳ дар ҳабсхона нигоҳ доштанд. Хеле ҳаракат карданд, ки «ҷосусияш»-ро ба гардан гирад, вале муяссарашон нашуд.

Вай дар маҳбас аз олами берун хабаре надошт. Аҳли оилааш хўрок оранд ҳам, насибаш намегашт. Дар як ҳуҷраи хурдакак то 30 касро нигоҳ медоштанд. Ҳасан Ирфон бо ақлу заковат, донишмандӣ, дар байни маҳбусон эҳтиром пайдо кард. Аз вай баъзеҳо тадбири хоб мепурсиданд, маслиҳат мегирифтанд, гуфтаҳои ўро иҷро менамуданд. Ихлоси дигарон ба ў меафзуд. Аҷибаш дар он буд, ки мусалмонон ўро «эшон-бобо» гўён ном баранд, русҳо «дед» гуфта, муроҷиат мекарданд.

– Ўро ба Русия, ба яке аз ҳабсхонаҳои машҳури Екатеринбург – ҳабсхонаи Владимир фиристоданд. Дар он ҷо маҳбусонро ба дарахтбурӣ маҷбур мекарданд. Чашмони ў хира медиданд ва чанд маротиба болои пояш чўб афтид. Маҳбусон донишмандӣ, равшанфикрӣ ва дурандешии ўро пай бурда, аз корҳои вазнин озод менамуданд. Ба ивазаш хоҳиш мекарданд, ки чой ҷўшонда, ҳикояҳои аҷиб гўяд. Дар бадали чанд моҳ ба онҳо ҳар рўз як ҳикояи таъсирбахш мегуфт, ки сомеон бо диққати том гўш мекарданд.

Ниҳоят бегуноҳии ў тасдиқ шуд, аз ҳабс озод карданд. Мутаассифона, падарарўсаш маърифатпарвари машҳури тоҷик, аввалин муҳаррири маҷаллаи «Шўълаи инқилоб», нависанда ва тарҷумон Саидризо Ализода аз шиканҷаҳо дар ҳамин ҳабсхонаи Владимир аз олам даргузашт.

– Саргузаштатонро нависед, – боре таклиф намудам ба ў. – Китоби зўр мешавад.

– Кӣ чоп мекунад, бачаҷон? – дар лабони вай заҳрхандае намудор шуд. – Барои нашри романи «Дар кулбаи косибон» чӣ қадар хуни ҷигар хўрдам, танҳо ба парвардигор маълум аст. Китобам ду ҷилд мешуд, аммо асарро чунон қайчӣ карданд, ки... Нигоҳи ҳамсуҳбати ман ба нуқтаи номаълум дўхта шуд.

– Шери бобош, – бо таассуф фикри хешро идома дод Ҳасан Ирфон, – агар кас беадолатиҳоро мушоҳида кардан гирад, аз сараш гузаронад, аз навис-навис ҳам дилаш хунук мешавад. Охир саҳифаро сиёҳ намудан худ аз худ намешавад. Бузургон дуруст гуфтаанд:

*Ҳар кӣ сухан бар сухане зам кунад,*
*Қатрае аз хуни ҷигар кам кунад.*

Ба қадри зар заргар мерасад, шумо ҳам қалам ба даст гирифта, ба иншои чизе шурўъ намоед, пас ба мазмуни суханони мо сарфаҳм меравед. Ҳоло ман ба шумо чӣ ҳам мегўям? Аҷибаш дар он аст, ки баъзе корчаллонҳо китобҳои худро пай дар пай на танҳо дар Душанбе, балки дар Маскав ҳам чоп мекунанд.

### ДУОЯШ МУСТАҶОБ ШУД

Ҳасан Ирфон марди хайрхоҳу некситишт буд. Вай ҳар корро пухта ва аз тахти дил иҷро мекард. Ҳеч гоҳ ба касе гапи сахту дурушт намегуфт. Агар асабонӣ шавад, «хонахамир» ё «хонаат пури гандум шавад» гуфта, дуои «бад» мекард.

Ҳасан Ирфон бо ходимони Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ва бисёр адибони шинохта мукотиба дошт. Арафаи ид даҳҳо табрикномаҳо менавишту аммо аҳён-аҳён ҷавоб мегирифт. Ман, ки баъзан матни онҳоро менавиштам, аз ин беэътиборӣ ба ғазаб омада, эътироз баён менамудам.

– Ҳой, хонета гандум зер кунад, – мегуфт вай. – Наход нафаҳмӣ, ки ман одами оддӣ ҳастам. Боз мансаби калон надорам. Охир ҳамчун инсон бояд дигаронро табрик созам ё не?

– Салом ҳам, алейк ҳам қарз, – фаҳмондан шудам ман. – Синну соли шумо ҳам ба ҷое расидааст, чанд китобатон чоп шудагӣ.

– Ҳой, хонахамир, – бо як оҳанги мазаммату навозиш боз ба фаҳмондан шурўъ менамуд вай. – Ҷаро ту маро ин қадар болобардор мекунӣ? Ман мисли ту як одами одӣ.

Устод чанд лаҳза сукут варзид. Шояд он айём гирдоби хаёлот ўро ба куҷое бурд, ки нобаҳангом сар бардошт ва маҳзун гуфт:

– Илоҳӣ, мисли ман нависанда шавию китобҳоят рўйи чопро бинанд. Вале чун ман дар 70-солагӣ ғарибу танҳо намон.

Аҷиб, тақдир. Ҳоло камина аз синни устод болотар ҳастам ва ҳар гоҳ қалам ба даст гирам, дуои «бад»-и ўро ба хотир меорам. Аз он хушҳолам, ки рўзгоре дар тарбияи чунин инсони донишманд, дилбохтаи адабиёт, ҷафокаши замони истибдод, камбизоат, вале ҳимматбаланд, сухандону сухансанҷ, дилёбу дарёдил, худотарсу савобталаб будам.

Барои худситоӣ не, дар омади гап таъкид кардан мехоҳам, ки мо – чанд нафар шогирдон барои абадӣ гардонидани номи ў кўшиш ба харҷ додем. Бо талоши равшанфикрон дар гузари Чорроҳаи Самарқанд, дар назди ҳавлиаш лавҳаи ёдгорӣ гузошта шуд.

Ҳар сол 20-уми июн ба қабристони Шоҳи Зинда меравем, то дар сари марқад ояте аз Қуръони Карим тиловат карда ба рўҳи покаш бахшем. Зеро соли 1973 вай дар ҳамин ҷо манзили охират ёфта буд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**узви Иттифоқи нависандагони Ўзбекистон.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпўлод ВАКИЛОВ

Рўзнома ҳафтае ду маротиба: рўзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
*Рўзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.*

*Ҳаҷми насри бадей, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рўзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рўзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон тахти рақами 0003 ба рўйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170. Фармоиши 2 Г-528.
Адади нашр 4242. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Муҳаррири навбатдор: М. Шодиев.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тўхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 01.50

**Нишонии мо:**
100011 ш.Тошканд, кўчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.

Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кўчаи Буюк Турон, хонаи 41.